ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗӢ ВА ҲИФЗИ ТАБИАТИ ТОҶИКИСТОН

КАФЕДРАИ «ҶАНГАЛПАРВАРӢ»

# РАСТАНИҲОИ ДОРУВОРӢ

**Муаллиф: Сатторов Ҷ.С.**

**Душанбе – 2007**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Муқарризон:** **проф. Нимадҷонова К.Н.**
**проф. Гулов С.М.**

**Муҳаррир:**

**Курси мухтасари лексия аз фанни «Растаниҳои доруворӣ» барои донишҷӯёни ихтисоси 2604.**
**Дар курси махсус хусусиятҳои ботаникӣ, биологӣ, морфологӣ ва инчунин тарзҳои хушк намудан ва истифода бурдани растани ҳои зикршударо дар тибби илмӣ ва халқӣ мухтасар пешкаш карда шудааст.**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Лексияи : № 1**

## Пешсухан

Аз даври қадим одамизод ҳаракат мекард,ки роҳҳои сиҳатшавиро аз бemoриҳо ва дардҳои гуногун ёбад.Азбаски таркиби хӯроки одамҳои қадим асосан аз реша,тухмҳои растаниҳо,меваҳо иборат буд,одамҳо оҳиста оҳиста бо мурури замон аз таҷрибаи амалии худ бо ёрии растаниҳои гу – ногун шифо ёфтанро аз бemoриҳо ёд гирифтанд.

Азбаски як хел растаниҳо заҳролуд мебошанд,яъне моддаҳои токси – кологияшон бисёр мебошад ва баъди истеъмоли чунин растаниҳо одамон дар даври пеш ба бемории сахт ва ё марг дучор мешуданд,ва баръакс баъ ди истеъмоли дигар растаниҳо,ки беморро шифо мебахшиданд,одамон ба фарқ куниии растаниҳои заҳролуд ва шифобахш шурӯъ карданд,яъне бо забони дигар гӯем илми тиб пайдо шуд.

Ҳар як қабила ба худ табиб дошт ва ҳар як қабила бо як намуди рас – тании доруворӣ як чанд намуди бемориро табобат мекард,яъне дар ҳар хел қабилаҳои одамизод бо як намуди растании шифобахш намуди гуногуни бемориҳоро табобат мекарданд.Чунин табибҳо аллакай 3-5 ҳазор сол пеш дар қабилаҳои Форсу-Тоҷик,Ҳиндустон ва Юнони қадим амал мекарданд.Бисёр табибони даври қадим корҳои тиббии худро навиштаҷот кардагӣ буданд,аммо афсӯс,ки бо мурури замон ва ҷангҳои байни қабилавӣ бисёри онҳоро нобуд гардидаанд.

Дар қабилаҳои форсу-тоҷик чунин китоб «Авесто»(асри VII-VI пеш аз миллод)мебошад,ки қадимтарин мероси маданияти халқи форсу-тоҷик забон китоби муқаддаси Зардуштӣ мебошад,ки онро аввал Искандари Мағдунӣ ва баъд боқимондаашро истиллогарони араб нобуд карда буданд.

Дар қисми XX – ми «Вендидада»-и китоби «Авесто» гуфта шудааст,ки «Аҳреман» барои одамизод 99999-то беморӣ офаридааст.Бинобар ин аҷдодони мо дунёи растаниҳоро ба 2 қисм тақсим карда буданд:

1)ба қисми растаниҳои нағз(фоиданок),ки онро Худо барои табобати одамҳо офаридааст;

2)ба қисми растаниҳои бад(заҳролуд),ки бо воситаи онҳо Аҳреман бемориҳо ро ба одамизод мефиристонад.

Аз ҳама хатарнок одамони қадим ҳавои,нафаси гармро (он вақт ҳоло онҳо дар бораи вуҷуд доштани микроорганизмҳо ва вирусҳои бемориовар тассавурот надоштанд) мешумориданд,чунки онҳо фикр мекарданд,ки Аҳреман бо воситаи ҳавои гарм зарраҳои ноаёни бемориоварро ба онҳо мефиристонад.Бинобар ин аз даври қадим табибҳо хонаҳоро бо испанд дуд мекарданд,бо пиёзу чеснок ҷойҳои зарардидаро мешакиданд ва ҳока зо.Ҳамин гуна илми «Фитотерапия» - табобат бо растаниҳои шифобахш пайдо мешавад.

Дар китоби «Авесто» зиёда аз 100 намуди растаниҳои шифобахш таш хис карда шудааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба тараққии тибби форсу-тоҷик олимони қадими шаҳри қадимаи Гунди-Шопур аҳамияти калонро бозидаанд.Шаҳри Гунди-Шопур дар асри III ба вуҷуд омадааст ва нахустин академияи илмӣ бо номи «Хонаи хирад» алалхусус дар ҳамин шаҳр ташкил карда шуда буд, ки ин академия сар – чашмаи тиббии халқҳои форсу – тоҷик ҳисоб мехӯрад.Дар муддати 425 сол (солҳои 226-651) ҳукмронии давлати Сосониҳо шаҳри Гунди-Шопур ба маркази илму –фарҳанги пешқадамтарини ҳамон замон табдил меёбад,ки шиори он «Дониш ва хирад аз шамшер ҳам зӯртар мебошад» буд.Дар вақти ҳукмронии Сосониҳо 4333 касалии бадан ва руҳӣ маълум буд.Духтурони мактаби илмии Гунди-Шопур (асри V-VII) сабаби беморшавиро дар худи организми одамон ҷустуҷӯ карданро оғоз карда буданд.Дар вақти ҳукмронии Сосониҳо тарзҳои асосии табобати беморҳо – ин табобат бо растаниҳои шифобахш буд.

Дар энсиклопедияи Зардуштӣ «Бундахишн»(асри IX) якумин классификасияи растаниҳо пешкаш карда шудааст,ки баъзе нишондодҳояш чунин буд:

1)**Дар** – дарахт;

2)**Дирахт** – бута (дарахтони мевадиҳанда,растаниҳои шифобахш ва ғайра);

3)**Дар ва дирахт** – ҳама дарахтоне,ки меваашро ба хӯрдан истифода бурда намешавад;

4)**Мивак** – ҳама дарахтоне,ки меваaш ба хӯрдан истифода бурда мешавад

5)**Джурдак** – ҳама зироатҳои полизие,ки барои гирифтани ҳосили он меҳнати одам зарур аст:гандум,ҷав,нахӯд,лӯбиё ва ғайра;

6)**Сипарам** – растаниҳое,ки баргҳояшон бӯи форам доранд ва барои парвариши онҳо меҳнати одам зарур аст.

7)**Настарун** – гулҳо.

Дар асри VII шаҳри Гундишопурро истиллогарони араб забт мекунанд ва ҳамаи асарҳое, ки бо забони форсу тоҷик буданд, нобуд мекунанд ба ғайр аз асарҳои илмии «Хонаи хирад», ки онро арабҳо ба Бағдод мекӯчонанд ва сипас дар маркази Халифати Аббасидҳо дар асоси таҷрибаи 300 солаи мактаби илмии Гундишопур мактаби илмии худро мекушоянд.

Дар бораи муҳим будани асарҳои илмии мактаби илмии Гундишопур яке аз олимони рус В.Н. Терновский чунин менависад:

Дар асри VI мактаби илмии Гундишопур вақти тиллоии худро гузаронидааст, чунки олимони Гундишопур дар ин марҳала як қатор асарҳои илмии бузургро навиштаанд. Соли 869 роҳбари мактаби илмитиббии Гундишопур Собур ибни Собир якумин машҳуртарин **формакопеяро** менависад.

Олимони ин мактаб 22 ҷилди **таксикологияро** бо шаҳрдиҳии хислатҳои заҳрҳо, заҳролудшавӣ, диагнозмонӣ ва табобати онро мебароранд.

Дар оянда ривоҷу равнақи асарҳои илмии шаҳри Гундишопур барои дар шаҳрҳои Ғарб кушода шудани чунин марказҳои илмӣ сабаб мешавад, ки яке аз онҳо дар шаҳри Салерно кушода мешавад.

Охири асри IX - аввали асри X баъди тамом шудани ҳукумронии истиллогарони араб дар Осиёи – Миёна дар муддати кӯтоҳ тиббӣ форсу



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тоҷик боз ба зинаҳои баланд мебароядНА. Тараққӣ кардани тиб ба вақти тараққии шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон баробар меояд, ки ин даври ҳукумронии Сомониҳо (солҳои 875-999) мебошад.

Дар асри X якумин китобҳои тиб бо забони тоҷикӣ чоп шуда мебароянд:

«Китоб хидоят ал- муталлими фит-иб» Абубакр Рабеъ ибни Аҳмад Аховайни соли 960-981 Бухорои, «Ал-абния ан Хокоик ал-адвия» (Хислатҳои асосии дорувориҳо) 967 сол Абумансур - Муваффақа ибн Али Хисравӣ.

Яке аз олимони бузургтарин, ки дар соҳаи илми тиб саҳми калони худро гузоштааст, ин Абӯ-алӣ ибни Сино (Авицена) 980-1037 мебошад.

Хусусан дар кори илмии тиббии худ «Канон врачебной науки» «Қонуни илми духтурӣ» А.Сино қариб ҳамаи соҳаҳои тибро дарҷ карда гузаштааст.

(Теропия, хирургия, травмотология, неврология, психиотрия, анкология, педиатрия, акушерство, генекология, урология, дермоталогия ва ҳоказо..)

«Канон врачебной науки» аз 5-то ҷилд иборат мебошад, ки дар ҳар як ҷилдаш олими бузург ҳамаи хислату хусусиятҳои касалро тадриҷан аз назар гузаронидааст.

**Китоби якум:** - «Саволҳои умумии илми духтурӣ».

**Китоби дуюм:** - «Дар бораи доруҳои оддӣ».

**Китоби сеюм:** - «Дар бораи касалиҳои алоҳидаи дарунии одам аз сар то пой».

**Китоби чорум:** - «Дар бораи касалиҳое, ки аз як узв сар зада ба дигар узвҳо мегузаранд ва дар бораи зебогӣ» .

**Китоби панҷум:** - «Дар бораи тайёр кардани доруворӣ, яъне фармокология».

Дар замони шуравӣ масъалаи омӯхтани растаниҳои доруворӣ дар тибби халқӣ мақоми хосеро китоби О.Дадабоева 1972с. «Словарь научных и местных названий лекарственных растений Северного Таджикистана», ки дар асоси мушоҳидаи таҷрибаи чандинсола дар водии Ашт, Исфара, Конибодом, Хуҷанд, Уротеппа, Ғончӣ, Айнӣ ва Панҷакент навишта шудааст,дорад. Дар ин словар ҳама номҳои тоҷикӣ, руссӣ ва лотинии растаниҳои дорувориро бо характеристикаи хусусиятҳои ботаникӣ кӯтоҳ нишон дода шудааст.

Аз 409 намуди растаниҳои доруворие, ки дар словар пешкаш шудааст бо ҳисоби муаллиф 93 намудаш дар тибби илмӣ истифода бурда мешавад ва боқимондааш дар тибби халқӣ.

Лекин бо ҳисоби дигар дар Тоҷикистон 150 намуди растании доруворӣ дар тибби илмӣ ва бештар 1500 намуд дар тибби халқӣ истифода бурда мешавад. (Ходжиматов)

Вале олимон фақат 62 намуди растаниҳои дорувориро дар Тоҷикистон аз худ кардаанд ва фақат 14 намудаш ба фармокопеяи ҷумҳурӣ дохил мебошад. (Ҳамдамов, 1988)



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар Тоҷикистон растаниҳои шифобахшро дар институтҳои ботаника, химия, гастроэнтерология, институти биологияи АФ Тоҷикистон дар Помир, Донишгоҳи тиббии Давлатии Тоҷикистон, Донишкадаи педагогии ш.Хуҷанд ва дар управленияи асосии аптекаҳо мегузаранд.

Дар ҷумҳуриамон диққати калони асосӣ барои рӯёнидан ва интродуцияи растаниҳои доруворӣ диққат дода мешавад.

**Саволҳои санҷишӣ:**

1.Сарчашмаҳои пайдоиши илими фитотерапия?

2.Китоби «Авесто» ҳамчун мероси қадимтарини халқи тоҷикзабон…

3.Саҳми олими бузурги халқи форсу-тоҷик Абӯ–Алӣ ибни Сино дар тиб?

**Адабиёт:**


«Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана» (Ходжиматов, 1986с.)

«Лекараственные растения». Изд. «Высшая школа», 1975 . А.Ф.Гаммермон, Г.Н.Кадаев, М.Д.Шупинская, А.А. Яценко-Хмелевский

«Словар научных и местных названий лекарственных растений Северного Таджикистана». О. Дадабоева, 1972.




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Лексияи : №2**

## САБАБИ ШИФОБАХШ БУДАНИ РАСТАНИҲО

Дар дарси гузашта мо аллакай дида баромадем ва фаҳмидем, ки растаниҳои доруворӣ, яъне шифобахш хеле ҳам бисёр мебошанд. Инро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки ҳуҷайраҳои растанӣ бо ҳуҷайраҳои ҳайвонот функсияҳои умумӣ дошта, дар мурури замон, ки дар алоқаи зич якҷоя инкишоф ва тараққӣ карда буданд ва ҳуҷайраҳои растанӣ ғизои асосии олами ҳайвонот буданд.

Растаниҳо дар таркиби худ бисёр моддаҳои химикиро ҷудо мекунанд, ки олами ҳайвонот ин моддаҳоро дар таркиби худ надоранд.

Барои фарқ кардани кадом моддаҳо дар таркиби растаниҳо роли шифобахшро мебозанд, дар фармокогнезия ин моддаҳо ба 3 қисм тақсим мекунанд:

1. Таъсиркунанда (сильно действующие);
2. Ҳамроҳ (сопутствующие);
3. Нодаркор (балластные)

**Моддаҳои таъсиркунанда** ин моддаҳое мебошанд, ки бо он растанӣ ба ин ё он касал шифо, яъне таъсир мерасонад.

Одатан моддаҳои таъсиркунанда дар таркиби растаниҳо дар ҳаҷми хеле кам вуҷуд доранд.

Моддаҳои <u>**ҳамроҳ**</u> ин моддаҳое мебошанд, ки метавонанд таъсири моддаҳои таъсиркунандаро тағъир диҳанд.

Масалан, моддаҳои ҳамроҳ метавонанд, ки таъсири моддаҳои таъсиркунандаро зиёд кунанд, ё ки аз худкунии ин моддаро дар организм зиёд намоянд ва метавонанд, ки таъсири моддаҳои таъсиркунандаро бетаъсир намоянд, он гоҳ ин моддаи ҳамроҳро аз таркиби растанӣ ҷудо кардан лозим мешавад.

Моддаҳои <u>**нодаркор**</u> - ин моддаҳое мебошанд, ки онҳо барои табобати ин ё он касалӣ нодаркор мебошанд.

Вуҷуд доштани моддаҳои нодаркорӣ дар таркиби растаниҳои доруворӣ ин **фарқияти** асосии растаниҳои доруворӣ аз дорувориҳое, ки бо роҳи синтетикӣ ба даст оварда мешаванд мебошанд.

Моддаҳои нодаркор вазни асосии растаниҳоро ташкил медиҳад, ки аз ҳуҷайраҳои он сутуни растанӣ ташкил меёбад ва он на дар об ва на дар спирт ва на дар обкунандаҳо об мешавад, яъне ба ҳолати дору намегузарад.

Таъсири шифобахши растаниҳои доруворӣ ҳазорон сол пеш маълум буданд, аммо барои чӣ ва чӣ хел онҳо ба ин ё он касал таъсир расониданашро фақат баъди пайдо шудани **Фитохимия** (химияи растаниҳо) ва **Фармокология** имконпазир шуд.

Дар асри XVI олимони бузурги Европа духтур Парацелсс ва давомдиҳандаҳои он якумин шуда ақидаи худро эрод карданд, ки вазифаи химия ин табобати бемориҳо мебошад, чунки протсесси



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

зиндагонӣ асосан протсессии химикӣ мебошад. Парацелсс дар ҳамон давр зид буд, нисбат ба мактабҳои тибби Арабистон, азбаски онҳо дар ретсептҳои тайёр кардани доруворихо бисёр растаниҳои доруворирo истифода мебурданд, ки аксарияти духтурон аз онҳо бехабар буданд.

Парацелсс фикри худро баён кард, ки:

«Таъсир ба бемор на худи растанӣ меорад, балки моддаи алоҳидае ки дар таркиби ҳамин растанӣ вуҷуд дорад».

Баъди баён кардани ин фикр дар тибби ҷаҳон даври нав оғоз меёбад. Вале фақат дар охири асри XVII олимон ба азхудкунии таркиби химиявии растаниҳо шурӯъ карданд.

Якум метод - ин методи сӯзондан буд, ки дар он растаниҳоро месӯзонданд ва аз таркиби хокистарашон моддаҳои химиявиро ҷудо менамуданд, аммо ин метод амали худро наёфт, чунки бисёрии элементҳо сӯхта мерафтанд.

Баъд ба методи гузаронидани **<u>қоқӣ</u>** (сухой перегон) гузаштанд, ки ин метод ба кашф шудан дар таркиби растаниҳо кислотаҳои органикӣ ва равғанҳои эфирӣ шуд, вале боқимондаи растанӣ ба моддаҳои тақсимшавандаи нобудшаванда боқӣ мемонданд.

Ин ҳар ду метод барои фитохимия он қадар ҳам рост наомад ва дар асри XVII методи **<u>тарро</u>** (мокрим путём) ба кор монданд.

Дар ин метод қисмҳои растаниро бо буғи об аз як фраксия ба дигар ва бо обкунӣ дар обу спирт ва аз он моддаҳои таъсиркунандаро ҷудо карданро ба кор монданд.

Дар мобайни асри XVIII аптекари олмонӣ Маркграф якумин шуда исбот, кард, ки дар таркиби лаблабӯ қанд вуҷуд дорад ва онро дар намуди асосӣ ҷудо карда баровард.

Боз ҳам муваффақиятҳои калонтарро дар омӯзиши моддаҳои таркибии растаниҳои доруворӣ формасевти Шведи Карл - Шееле (1742-1786) ноил шуд.

Вай дар як дорухонаи кӯҳна кор карда дар вақтҳои холӣ аз кор бо химияи растаниҳо машғул мешуд ва дар назди худ мақсад гузошта буд, ки ҳамчун олимони пеш аз ӯ фаъолият кардагӣ аз таркиби растаниҳои доруворӣ моддаҳои омехта не,балки аз ба ҷои он моддаҳои тозаи химикӣ ҳосил кунад ва ба мақсади худ расид. Карл – Шееле тавонист, ки якчанд кислотаи органикиро ҳамчун:

**Лимугӣ (лимонная)**
**Себӣ (яблочная)**
**Май (винная)**
**Шилхагӣ (щавелевая)** –ро дар намуди кристаллӣ барорад.

Вай инчунин кислотаи машҳуре, ки заҳролудиаш хеле ҳам баланд аст (синильная кислота) ихтироъ кард. Дар вақти ҷӯшондани пластыр Шееле аз он моддаи глисиринро ҷудо карда, вуҷуд доштани онро дар бисёр намудҳои равғанҳо исбот кард.

Дар асри XIX химия муваффақиятҳои калонро ба даст овард. Бо ташабусси корҳои илмии олимони бузург Ломоносов ва Лавузе исбот



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

карда шуд, ки моддаҳои химикӣ аз элементҳо иборат буда, моддаҳои органикӣ ба гуногуншаклии худ нигоҳ накарда ҳамроҳи (производные) элементи карбон мебошанд.

Бо чунин муваффақиятҳо фито-химияи асри XIX аллакай метавонист, ки группаи асосии моддаҳои таъсиркунандаи растаниҳоро ҷудо намояд.

Соли 1806 аптекар Сертюнер **алкалоиди** морфинро аз банг ҷудо намуда, хусусиятҳои миқдории онро исбот намуда ва хусусияти хоббиёриро (снотворное) исбот намуд.

Бо ҳамин исбот карда шуд, ки аз растанӣ моддаи таъсиркунандаро ҷудо карда мешавад.

Ба моддаи нав номи «Морфин» гузоштанд. Бинобар ин олимони дигар давлатҳо ба ҷудо намудани аз растаниҳо моддаҳои таъсиркунандаро шурӯъ карданд ва баъди муддати кӯтоҳ дигар моддаҳои асосии таъсиркунанда ҳамчун: **хинин, стрихнин ва кокоин** ҷудо карда шуданд.

Дар мобайни асри XX дар таркиби растаниҳои доруворӣ якумин шуда олимони Либих ва Вёлер моддаҳои махсуси сахт таъсиркунадаро кашф намуда, онҳоро - **гликозидҳо** номиданд.

Баъди гликозидҳо моддаҳои дигари таъсиркунанда ҳамчун **моддаҳои даббоғӣ** (дубильные вещества), **сапонинҳо** ва **қатронҳо(смола)-ро** кашф намуданд.

Дар саршавии асри XX кашф намудани **витаминҳоро** дар таркиби растаниҳои доруворӣ саҳифаи навро дар омӯзишу табобат бо растаниҳои доруворӣро кушод.

Солҳои 30-уми асри XX олим Б.Л.Токин нуқтаи назариявии илмии худро пешниҳод кард, ки растаниҳои олӣ моддаҳои элементии – фитонисидро аз худ ҷудо намуда, бо онҳо бактерияҳои гирду атрофро бо грибокҳо нобуд менамояд.

Акнун моддаҳои таъсиркунандаҳоро дар растаниҳо дида мебароем:

**Алкалоидҳо** – ин моддаҳое мебошанд, ки ба онҳо дар таркиби молекулаашон вуҷуд доштани атоми азот (нитроген) хос буда, асоси онҳоро пайвандҳои ишқорӣ ташкил медиҳанд.

Алколоидҳо асосан дар таркиби растаниҳои гулдор вомехӯранд ва баръакс дар таркиби обсабзҳо, замбӯруғҳо ва гулсангҳо хело ҳам кам вомехӯранд.

Аҳамияти биологии алкалоидҳо дар таркиби растаниҳо пеш маълум набуд ва бинобар ин ҳисоб мекарданд, ки алколоидҳо ҳамчун моддаҳои нодаркорӣ мебошанд, аммо солҳои охир исбот карда шуд, ки алколоидҳо дар синтези афзоиши растаниҳо аҳмияти калон дошта, дар афзоиш фаъолона иштирок менамоянд.

Миқдори **алкалоидҳо** – дар таркиби растаниҳо аз 2-3% вазни хушки онро ташкил мекунанд. Ин моддаҳо одатан дар як намуд растанӣ бо миқдори гуногун вомехӯранд, чунки миқдораш аз фасли сол, фазаи



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

афзоиш вобаста аст. Дар таркиби растаниҳо аз ҳама миқдори зиёди алкалоидҳо дар вақти гулкунии онҳо ҷамъ мешаванд.

Бисёр вақт растаниҳое, ки дар таркиби худ алкалоидҳоро ба вуҷуд меоранд, дар таркиби худ як намуд не, балки якчанд намуди алкалоидро ҷамъ мекунанд, ки аксарияти онҳо бо таркиб ва сохт аз якдигар фарқи куллӣ доранд.

Масалан гули афён дар таркиби худ 26-то алкалоид дорад, ки таркиби асосиашро морфин ва наркотин ташкил медиҳад, боқимонда алкалоидҳо дар миқдори кам вуҷуд доранд.

Алкалоидҳо дар таркиби растаниҳо дар намуди ҳалшуда вуҷуд доранд, вале онҳоро бо осонӣ метавон ба намуди сахти крисcталлӣ аз сутуни растанӣ ҷудо кард. Фақат баъзе моддаҳои алкалоид ба намуди кристаллӣ табдил намеёбанд ва тамоман аз он ҳам камтар алкалоидро дар намуди моеъ ҷудо кардан мумкин аст: аз он ҷумла **никотинро.**

Алкалоидҳо одатан дар об ҳалнашаванда мебошанд, вале бо осонӣ бо ёрии ҳар гуна кислотаҳо ба намакҳо табдил меёбанд, ки онҳо дар об нағз ҳал мешаванд. Таъми алкалоидҳо **талх** мебошад.

Баъзе растаниҳои алкалоиддор бисёр ҳам заҳролуд мебошанд: аз он ҷумла заҳри-кураре, ки дар таркиби худ экстрати чанд намуд алкалоидро дар бар мегирад.

Бисёр растаниҳои заҳролуди кишвари мо ҳамчун- болиголов (туткали, алафи муш), живокости (асфарак) бо ташаббуси алкалоидҳо заҳролуд мебошанд, аммо алколоидҳо-заҳрҳо дар миқдори кам гирифта шуда, ҳамеша чун доруворӣ истифода бурда мешавад. Аз пеш як зарбулмасал мондааст, ки:

«Ҳар як заҳре, ки дуруст истифода бурда мешавад, ҳамчун дору хизмат мерасонад».

**Гликозидҳо** – моддаҳои муракабе, ки аз ягон хел қанд ва пайвастии ноустувори бо ғайри қанд, ки шаклҳои гуногун дошта метавонад иборат мебошад.

Қисми ғайри қандии гликозидҳо **агликон** ном доранд. Гликозидҳо дар муҳити об бо осонӣ ба қанд ва агликон тақсим мешаванд.

Гликозидҳо дар растанӣ роли танзимкунандаҳои протсессҳои химикии мубодилаи моддаҳоро мебозанд. Ҳамаи гликозидҳо ба худ ферментҳои хос доранд.

**Фермент – энзим** – моддаҳои муракаббе аз сафеда иборат буда, дар миқдори хело ҳам кам вуҷуд дошта, дар растаниҳои химикӣ ҳамчун катализатор кор мекунанд.

Худи ферментҳо дар ин реаксияҳо иштирок намекунанд, (аниқтараш баъди тамоми реаксия ба ҳолати пештараи худ боз мегарданд).

Вобаста ба муҳит ферментҳо метавонанд, ки гликозидҳои растаниро тақсим кунанд ва инчунин синтез (яъне барқарор намоянд).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гликозидҳо – моддаҳои ноустувор буда, дар вақти ҷӯшонидан дар оби камтар туруш кардагӣ бо осонӣ ба қанд ва агликон тақсим мешаванд.

Азбаски ферментҳо бо осонӣ гликозидҳоро тақсим менамоянд, ин ҳодиса ба он хулоса меорад, ки дар вақти буридан ё кандани растанӣ дар он моддаҳои гликозид, тез тақсим мешаванд ва бинобар ин бояд, ки дар вақти ҷамъ кардани растаниҳо ин ҳодисаро ҳамеша дар назар дошт.

Классификатсияи гликозидҳоро одатан бо таркиби химиявии агликоношон, ки ниҳоят гуногуншакл мебошанд ҷудо мекунанд.

Дар амал одатан чунин гурӯҳҳои гликозидҳоро истифода мебаранд.

**- гликозидҳои дилӣ;**

**- антрагликозидҳо (слабительный);**

**- сапонинҳо;**

**- моддаҳои талх;**

**- нитрогликозидҳо (кислотаи синильный** -ро ҷудо мекунанд)

**- флавонидҳо.**

Гликозидҳои дилӣ аз ҳама гурӯҳи муҳим мебошанд. Гликозидҳои ин гурӯҳ ба мушакҳои дил таъсир мерасонанд. (ландыш, горицвет – гули зардак). Растаниҳое, ки дар таркиби худ гликозидҳои дилӣ доранд сахт заҳролуд мебошанд. Сохти гликозидҳои дилӣ намуди структураи стероидӣ доранд, вале аз гармонҳо бо ҳалқаи лактоннӣ фарқ мекунанд.

Пайвастаҳои стероидӣ, ки чунин ҳалқа надоранд таъсири дилӣ надоранд.

Гликозидҳои дилӣ хело ҳам ноустувор мебошанд ва барои чиндан ва хушк кардани чунин растаниҳо меҳнати пурмашаққат лозим аст.

Гликозидҳое, ки ба организми одам ҳамчун дарунронӣ таъсир ме расонанд-**антрагликозид** меноманд.Ин моддаҳоро дар намуди кристалҳои сурх аз сутуни растанӣ ҷудо кардан мумкин аст, хусусан аз растанӣ бо осонӣ бо об ё ки бо маҳлули сусти спиртӣ ва ё бо ишқорҳо ҷудо мекунанд.

Антрагликозидҳо заҳролуд нестанд ва дар нигоҳдорӣ устувор мебошанд. Ин моддаҳо пайвастаҳои антроцент буда, дар таркиби худ гурӯҳҳои метил ва оксигурӯҳро дар бар доранд.

Боз як гурӯҳи гликозидҳо – ин **сапонинҳо** мебошанд.

Сапонинҳоро дар 70 оилаи растаниҳо пайдо карданд, ки якӯм ҷойро дар байнашон оилаи мехчагул, первоцветниҳо ва лилейниҳо ишғол мекунанд.

Сапонинҳоро аз растанӣ дар намуди хокаи сафед ҷудо мекунанд, ки вай бо осонӣ дар об ҳал мешавад.

Дар саноати хӯрока сапонинҳоро барои кафккунии лимонад ва барои тайёр кардани ҳавло истифода мебаранд.

Дар вақтҳои охир аҳмияти калонро гурӯҳи гликозидҳои флавонидӣ бозӣ мекунанд. Номи ин моддаҳо аз калимаи лотинӣ (flavum - зард) гирифта шуда, рангашон зард буданашро мефаҳмонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Онҳо ба пайвастаҳои фенол таалуқ доранд ва бисёртар дар гулҳо вомехӯранд.

Боз як намуди моддаи таъсиркунанда дар таркиби растаниҳо ин **кумарин** ва маҳсулотҳои он мебошанд. Кумарин дар табиат зиёда аз 150 намуд маҳсули худро дорад.

Кумарин бӯи хаси нав буридашударо дорад. Дар таркиби растаниҳо инчунин равғанҳои эфирӣ мавҷуд ҳастанд, ки бо ташабусси онҳо растаниҳо ба худ бӯи хосе доранд.

Бисёр растаниҳое, ки дар таркиби худ равғанҳои эфирӣ доранд дар истеҳсолот барои пайдо кардани атриёт ва одекалон истифода бурда мешаванд.

Ба гликозидҳо наздик моддаҳои дубилӣ ва танидҳо мебошанд. Масалан картошкаро вақти пӯст кардан вай сиёҳ мешавад ва дасти одам ҳам низ сиёҳ мешавад. Ин моддаҳои дубил дар оби ҳуҷайра обшуда бо ҳаво пайваст шуда сиёҳ мешаванд. Мазаи моддаҳои дубили бурманок ҳастанд.

Масалан хурмои хомро хӯрдан.

**Танидҳо** қариб дар ҳамаи намуди растаниҳо вомехӯранд, чунки онҳо роли фаъоли физиологиро барои мубодилаи моддаҳо ва протсесси ҷудо кардани энергияи даруни ҳуҷайраро мебозанд.

Танидҳо аз рӯи таркиби химиявиашон бисёратома мебошанд.

**Саволҳои санҷишӣ:**

**1.**Сабаби шифобахш будани растаниҳо?
2.Классификасияи моддаҳое,ки дар таркиби растаниҳо мавҷуданд?
3.Фарқи растаниҳои доруворӣ аз доруворихле,ки бо тарзи синтетикӣ ба даст оварда мешаванд?
4.Таърихи ҷудо намудани моддаҳои таъсиркунанда аз таркиби растани – ҳои шифобахш?
5.Намудҳои моддаҳои таъсиркунандаи растанихои шифобахш?
6.Тақсимоти гликозидҳо ба гурӯҳҳо?
7.Нуқтаи назариявии олими рус Б.Л.Токин нисбати фитонсидҳо?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Лексияи :№3**

## Тавсифи ботаникӣ, истифодабарӣ ва хусусиятҳои биологии растаниҳои доруворӣ.

**Ниёзбӯ,райҳони кӯҳӣ** – Mellissa officinalis(мелисса лекарственная).

Ниёзбӯ алафи бисёррсола буда, бӯи хоси лимонро дорад.Решаи он дарозиаш то 30 см буда, ранги сафедчатоб ё ки ранги ҷигарии пастро дорад.Сутунавдаи (пояи) он чоркунҷаи ростистодаи навданок буда, дар сутунаш мӯякчаҳои майда вуҷуд дорад.

**Пояи** - ниёзбӯй аз 30 то 120 см мешавад.

**Баргҳои** - ниёзбӯй мутақобил рупарӯи якдигар (супротивные) ҷойгир шуда, аз 3 то 8,5 см дарозӣ доранд ва паҳниашон2-4см мешавад. Лабҳои паҳанаки барг реза-реза, яъне аррашакл мебошад.

**Гулҳои** – ниёзбӯй ранги сафед, ё ки камтар сурхчатоб буда, майда-майдаи аз 3-10 тогӣ дар бехи думчаи барг аз бандпоя мерӯянд.

**Тухми** – ниёзбӯй аз 4-то тухмчаи дарозрӯи эллепсишакли 3-паллаи буда, рангашон аз ҷигарии паст то ҷигарии баланд мебошанд.

Ҳаҷми онҳо аз 1,8-2 мм дар дарозӣ ва 0,7-мм дар паҳнӣ мебошанд. Вазни 1000 дона тухми ниёзбӯй – 0,5-0,7 г. – ро ташкил медиҳад.

Ниёзбӯй моҳҳои июн-июл гул мекунад ва моҳхои июл-август мева яъне тумхӣ медиҳад.

Ниёзбӯй бисёртар дар ҷойҳои намноку, соядор вомехӯрад. Ниёзбӯйро дар вақти ҷаъм овардан пояи онро аз замин дар баландии 10см боло мечинанд.Ҷаъмовариро дар вақти гулкунии растанӣ мегузаро нанд ва онро дар ҷои соянок ё ки хушккунакхо хушк мекунанд.

Ашёи тайёр - ин навдаҳои ҷавон бо баргҳояш ва гулҳояш мебошад. Ниёзбӯйро одамон аз даври қадим ҳамчун дору барои кори дилро мӯътадил кардан истифода мебурданд, яъне ниёзбӯй ба одамоне, ки касалиҳои дилӣ доранд фоидаи хело ҳам калон мерасонад, инчунин дар тиббӣ қадим халқҳои Осиёи Миёна ниёзбӯйро барои қувват додани кори дил, барои камхунӣ, барои мӯътадил кардани системаи ҳазмкунии организми одам, барои мустаҳкам намудани кори асаб ва бисёр касалиҳои дигар истифода мебурданд.

## Бӯмодарон, бӯғанак – Achillea mellefoliun.

(Тысячелистник обыкновенный).

Растании бисёрсола буда, баландии пояш аз 15-80 см мешавад.

**Решааш** болои патакреша (ползучий) мебошад.

**Пояш** – оддии ростистода буда, дар нӯгаш камтар навда мезанад.

**Баргҳояш** – рангаш нимсабзу – нимкабудча (сизо - зеленные) буда, дар поя қариб нишаста мебошанд, ё ки думчаашон кӯтоҳ ҳаст, намудаш – дарози паррашакли паҳанаки барг реза-реза буда, дарозиаш аз 10-то 40 см мебошад. Хӯшагули бӯғанак сабадча мебошад.

**Гулҳои** – аз паҳлӯи сабадчаи хӯшагули бӯғанак баромада истода забоншакл буда, аз 4-5 дона гули рангаш сафед иборат мебошад. Гулҳои



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мобайнии сабадча найчашакл мебошанд ва аз 15-20 дона иборат мебошанд.

**Тухмаш** – дарози секунҷашакл буд, ҳаҷмашон 1,5 –2 мм дар дарозӣ ва рангашон хокистаранги пасти ҷиллодор мебошанд.Вазни 1000-то тухмӣ 0,11-0,15г. мебошад.Моҳҳои май-июн гул карда, июл-сентябр тухм мекунад. Бӯғанок дар сахроҳо лаби ҷариҳо лаби ҷӯйборҳо вомехӯрад.

Дар тиб гулҳои бӯғанакро истифода мебаранд. Ашёи чидашударо дар болохонаҳо ё хонаҳои нағз шамол ва рутубат дошта хушк мекунанд. Таъми ашё талхи бурмамекардагӣ мебошад. Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи хушккарда шуда 5-сол мебошад.

Бӯғанакро олимон аз даври қадим истифода мебаранд.

Абуали ибни Сино бӯғанакро аз дарди сар, касалиҳои сиёҳлавак, ғавс шудани хун, подагра, радикулит, дарди буғумҳо истифода мебурд.

Масалан дар Руси қадим ширеши нав ҷафидаи бӯғанакро барои маънкунии хунравӣ истифода мебурданд. Оби ҷӯшонидаи алафи бӯғанакро барои хунравии дарунӣ, барои касалиҳои меъда, ҷигар астма, нафаскамшавӣ ва ҳоказо истифода мебаранд.

Дар тибби илмӣ бошад, бӯғанакро дар намуди оббӣ (15:200) як кошуқи ошӣ дар як рӯз 3 маротиба ҳамчун хунмаънкунанда дар вақти хунравиҳои геморрой ва бачадонӣ истифода мебаранд.

Дар баргҳои буғунак тақрибан 0,05% моддаҳои алкалоид монанд – бетоницин (ахилеин) ва дар хӯшагулҳо аз 0,02-0,8% равғанҳои эфирии кабуди баланд вуҷуд доранд.

**Барги зулф - Plantago major(**подорожник большой).

Барги зулф – растании алафии бисёрсола буда, баландиаш 5-70 см мебошад.

**Решааш** – патакреша.

**Баргҳояш** – калони эллепсшакл буда, паҳнаки барг рагҳои калон дорад. Паҳнакҳои барги зулф 6-21 см дар дарозӣ ва 4-14 см дар паҳнӣ мебошанд. Миқдори рагҳои паҳнаки барг 3-7 то мебошад.Дарозии думчаҳои барг 7-20 см мешаванд.

**Гулҳояш** –сӯтагул буда (колосовид), дарозии думчаи хӯшагули барги зулф 4-40 см мебошад.

**Мева (тухмӣ)** – қуттичаи бисёртухма мебошад, ки як растанӣ то 60 ҳазор тухмӣ медиҳад. Тухмаш майдача буда, ранги ҷигарии баландро дорад. Вазни 1000 тухмӣ 0,15-0,41г. Барги зулф моҳҳои июн-июл гул карда, моҳҳои июл-сентябр ба тухмкунӣ медарояд.

Ареали паҳншавии барги зулф бисёр ҳам калон мебошад ва ӯ қариб, ки дар ҳама ҷойҳо вомехӯрад.

Дар тиб баргҳои барги зулф ва тухмаш истифода бурда мешавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ашёи хоми чидашударо дар болохонаҳо ва хонаҳое, ки рутубати ҳавояш нағз аст бо қабати тунук хобонда, хушк карда мешавад. Мӯҳлати нигоҳ доштани баргҳои хушк 3 сол ва майдакардашуда 2 сол мебошад.

Барги зулф – растании дорувории қадима мебошад. Олимони Юнони қадим тухми барги зулфро зидди дарунронӣ истифода мебурданд.

Дар тиббӣ форсу-тоҷик барги зулф низ аз даври қадим истифода бурда мешуд. Умуман ду намуд барги зулф ҳаст: **калон ва майда.**

Баргҳои барги зулфи калон нисбат ба баргҳои барги зулфи майда калонтар мебошад. Барги зулфи калон хусусиятҳои доруворирo бисёртар дорад.

Шираи барги зулф барои табобати захми меъда ва талха, дарди гӯш истифода бурда мешавад.Тухми барги зулф зидди хунпартоӣ ёрдами калон мерасонад.

Абуали-ибни Сино бо барги зулф бисёр касалиҳоро ҳамчун: ҷойҳои сӯхта шуда, захмҳои чуқур, варамҳо, касалии чашмҳо, дарди дандон ва дигар касалиҳоро табобат мекард. Шираи барги зулф ҷигар, гурда, сиёҳлабакро боқувват карда, дар онҳо (закупоркаҳо) ҷойҳои маҳкамшударо мекушояд.

Барги зулфро дар об ҷӯшонида даҳонро обгардон мекунанд, ки ин зидди дарди дандон,варами гӯштҳои дандон ва дигар касалҳо ёрдами калон мерасонад.

Дар тибби илмӣ аз барги зулф препаратҳое тайёр мекунанд, ки барои гастритҳои анацидӣ ва касалиҳои меъда ва захми меъда истифода бурда мешаванд.

Тафтишотҳои фармокологӣ нишон доданд, ки дар зери таъсири шираи барги зулф фаъолияти корӣ зиёд мешавад ва дар таркиби хун миқдори гемоглобин зиёд мешавад.

**Коснӣ– Cichorium intybus (**цикорий обыкновенный).

Коснӣ – растании басёрсола буда, баландиаш аз 30-150 см мебошад.

**Решааш** – тиррешаи спиралмонанди сернавда мебошад ва ба замин ба чуқурии то 150 см медарояд. Пешгарданаки реша (корневоя шейка) ғавсиаш то 12 мм мешавад).

**Пояаш** – рости навдадор,буда баргҳои поёниаш то 28 см дарозӣ доранд.

Дарозии баргҳои поя 3-17 см мешаванд.Шакли баргҳои поя секунҷа-шакли калон 3-17 см буда, паҳанаки барг аз порра-порраи калон иборат мебошад.Хӯшагули коснӣ дар нӯги навдаҳои дар банди бандбуғуми баргҳои болоӣ аз 1-то 3 дона ҷойгир шудаанд.

**Гулҳои** – косни ранги кабуди – осмонӣ доранд.

**Тухми** коснӣ призмамонанд буда,дорои 3-5 қирра мебошад ва дарозиашон ба 2-3 мм баробар аст. Як растанӣ то 25 хазор тухмӣ медиҳад. Вазни 1000 дона тухмӣ 1-1,25 г мебошад. Коснӣ аз моҳи май сар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

карда, то тирамоҳ гул мекунад. Коснӣ дар бехи ҷӯйборҳо, дарёҳо саҳроҳо партобҳо вомехӯрад. Одатан коснӣ гурӯҳ-гурӯҳ ҷойгир мешавад.

Дар тиб фақат решаи коснии ёбоиро истифода мебаранд. Решаашро тирамоҳ кофта гирифта, ба бӯлакҳо тақсим карда дар температураи 45⁰С хушк мекунанд. Ашёи тайёр – решаҳои хокистаранг ё ки ҷигарӣ мебошанд. Дар вақти шикастан аз дарун рангаш зард ё ки сафед буда, бӯй надорад ва таъмаш талх мебошад.

Коснӣ аз даври қадим маълум аст. Дар асри Х тухми коснӣ яке аз дорувории беҳтарин барои катари меъда ҳисоб мерафт.

Аз рӯи китоби Абуали ибни Сино «Алқонун» коснӣ дар организми одам маҳкамҷойҳои сосудҳоро (закупорки) мекушояд, фоидаи калон барои ҷигар дорад, меъдаро мустаҳкам менамояд, дилбеҳазуркуниро бас менамояд ва ба варами чашмҳо фоида дорад.

Дар тибби халқии тоҷик косниро хело ҳам ҳархела истифода мебаранд. Масалан косниро сӯзонида бо хокистари он осебҳо ва захмҳоро мемоланд, ки то ки онҳо зуд шифо ёбанд. Истифодабарии коснӣ барои касалии зарпармин фоидаи калон дорад.

Шираи нав гирифташудаи косниро зидди дарди шикам истифода мебаранд. Оби ҷӯшонидаи решаҳои косиниро барои табобати захми меъда ва гастрит истифода мебаранд.

Тафтишотҳои фармакологӣ нишон доданд, ки истифодаи коснӣ ба касалиҳои қандӣ 1 дараҷа фоидаи хело ҳам калон доранд ва метавонанд, ки дар ин дараҷа касалро тамоман шифо бахшанд, ва дар дараҷаҳои вазнинтарин ба касал фоидаи хело хам калон расонида аҳволи онро тадриҷан хуб кунад.

Коснӣ муҳимтарин растании инулиндор мебошад.

Дар таркиби решаи он аз 11-65% инулин, 3,6% - моддаҳои сафеда; 0,3%равғанҳо;15,4%моддаҳои ғайринитрогендор;2-3%фруктоза,гликозид ҳои талх, интибин ва қатрон иборат мебошадДар гули коснӣ чунин моддаҳо ёфт шуданд: кумарин, цикорин.

**Испанд – Peganum harmala** (гармала обыкновенная).

Испанд – алафи бисёрсола буда, баландиаш 20-80 см ва бӯи сахти ба худ хос дорад.

**Решааш** – тирреша буда, дарозиаш то 3 см ва ғавсиаш то 10 см мебошад.

**Баргҳояш** – паҳанаки барги испанд бо 2-3 қисм тақсим шудааст.

**Гулҳояш** – ранги зарди паст ва ё сафедчатоб мебошандҶойгиршавиашон яктогӣ бо думчаҳои кӯтоҳ буда,косабаргҳояш 5-то, одатан ба 3 қисм тақсимшудагӣ, дарозиашон 11-25мм, гулбаргаш 5-то дарозиаш 1,2-2,5 см мебошад.

**Мева** – қутичаи доирашакл, камтар пачақи сеқисмаи сепалла, диаметраш 1-1,2 см мебошад.

Тухмаш – ранги ҷигарӣ ва ё ҷигарии баланд дошта, кунҷдори камтар ноҳамвор буда, то 4 мм дар дарозӣ мебошанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Як растанӣ то 120 ҳазор тухм меандозад. Вазни 1000 дона тухмаш ба 2,5-3г баробар аст. Моҳҳои май-август гул карда мева медиҳад.

Испанд дар ҷойҳои офтобрӯя, лаби ҷариҳои кӯҳҳо, дар нишебиҳои кӯҳҳо ва адирҳо вомехӯрад.

Испанд аз даври қадим ҳамчун растаниҳои дорувории машҳур маълум буд. Дар китоби қадимаи форсу-тоҷик забонҳо «Авесто» (асри XII-V пеш аз молод) ҳамчун растание, ки барои ором кардани системаи асаб ва ҳамчун моддаи барои хушбӯй кардан, яъне бӯи бадро нест кардан истифода бурда мешуд.Бо испанд беморҳоро ва мурдаҳоро дуд карда муоличa мекарданд.

Олимони юнонӣ Диоскорид (асри 1) испандро ҳамчун даруворӣ барои табобати сустбинии чашмҳо истифода мебурд.

Абуалӣ ибни Сино дар китоби худ «Алқонун» испандро ҳамчун доруворӣ барои табобати дарди узвҳо ва буғумҳо пешниҳод мекард.

Барои истеҳсолоти фармокологӣ испандро дар вақти гулкуниаш мечинанд, барои ин қисмҳои болоии растаниро бо дастҳо бурида, дар болохонаҳо ё ки дар таги соябонҳо бо қабатҳои 7-10 см дар болои қоғаз ё латта хушк мекунанд. Аз алафи испанд ва тухмаш моддаҳои алкалоидро (пегамин ва гармин) -ро ҷудо карда мегиранд.

Тафтишотҳои фармокологӣ нишон доданд, ки обҷӯши (настай) 1% ва 10 % аз алафи испанд тайёр кардагӣ зидди стафилакок муборизаи фаъолона бурда метавонад ва дар об ҷӯшонида 1% в а0,25% алафи испанд хусусияти сахти зидди микробиро дорад.

**Қоқутӣ– Origanum tyttahanthum** (душица мелкоцветная).

Қоқутӣ – растании бисёрсола буда, баландиаш аз 20-30 см мешавад.

**Пояаш** – бисёрдонаи рост истодаи чоркунҷаи навдадор мебошад.

**Баргҳояш** – чойгиршавии мутақобил дошта, думчаи барг кӯтоҳ мебошад, дарозрӯяи эллепсшакл буда, дарозиашон 0,5-3 см мешавад.

**Хӯшагулаш** - ҷӯрубчаи мураккаб (10-30 см дар дарозӣ) мебошад.

Гулҳояш – ранги сафед ё ки сафеди камтар сурхчатоб мебошанд.

**Мевааш (тухмаш)** – доначаҳои кулулаи камтар тухмшакл буда, дарози ашон то 1 мм ва рангашон ҷигарии торик мебошад.

Вазни 1000 дона тухмӣ ба 0,1 г баробар аст. Қоқутӣ моҳҳои июн – август гул мекунад ва моҳҳои июл – сентябр ба тухмкунӣ медароянд. Қоқутӣ дар бисёр ҷойҳо даштҳо, кӯҳсорҳо дар байни алафзорҳо дар лаби ҷариҳо ва минтақаҳои чарогоҳҳои субальпӣ, дар байни арчазорҳо, чормағзорҳо буттазорҳои ноҳияҳои Зарафшон, Ҳиссору – Дарвоз дар Ҷанубу Шарқи Тоҷикистон дар баландии аз 800-2700 м вомехӯрад.

Ҳамчун ашёи доруворӣ қисми болоии қоқутиро дар вақти гулкуниаш чинда онро дар ҳавои кушода дар соягӣ хушк мекунанд. Ашёи тайёри қоқутии хушк бӯи ба худ хос дошта таъми талхӣ дорад. Мӯҳлати нигоҳдоштани ашёи хушки қоқутӣ 3 сол мебошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хусусиятҳои доруворни қокутӣ аз давраҳои қадим маълум мебошад.

Аз рӯи навиштаҷотҳои Абуалӣ ибни Сино маълум аст, ки қокутӣ барои баровардани об ва моддаҳои моеъро аз қафаси сина, шуш ёрдами калон мерасонад. Қокутӣ инчунин сахт моҳонаи занонаро ва пешоби онро медавонад, ва бо пешоб хунро медавонад, ки ин боиси нобуд шудани тифл дар бадани зан мешавад.

Аз рӯи навиштаҷоти «Махзан-ул-адвия» маълум аст, ки қокутӣ ҳамчун доруворӣ барои давонидани пешоб, сангҳои гурда ва пуфаки пешоб истифода бурда мешавад.

**Микдори хӯрдан:** 2 мискал алафи қоқ (8,5г) ҳамчун чой дам карда хӯрдан лозим.

Дар вақти тафтишотҳо хусусиятҳои фармокологии қокутӣ маълум гардид, ки препаратҳои аз он тайёр шуда хусусиятҳои ором-кунии системаи асаби марказиро доранд ва инчунин ба кори меъда ёрдами калон мерасонад. Қисмҳои болоии қокутӣ бо ташаббуси дар таркиби худ доштани фитонсидҳоро ба худ хусусиятҳои антимикробӣ доранд.

**Қоқу – Taraxcum officinale** (Одуванчик лекарственный).

Қоқу растании бисёрсола буда, решаи тирреша дорад (диаметр то 2 см), ки дар таркиби худ шираши сафеди талх дорад.

**Баргҳояш** – дар банди гарданаки реша ҷамъ шудаанд, дарози паршакли бурида буда мебошанд, дарозиашон 10-5 см ва паҳниашон 1,5-5см мебошад. Аз байни буғумбаргҳо найчаҳои гул,ки баландиашон 5-50см ва дарунашон холӣ мебошад мебароянд.

**Хӯшагул** - сабадчаи зарди ҷилодор,ки диаметраш то 5 см мебошад.

**Гулҳояш** –забоншакл буда, дуҷинсаи рангашон зарди ҷилодор мебошанд.

Қоқу ду бор гул мекунад, баҳор ва тирамоҳ. Қоқу ба замбурҳои асал бисёр гарди гул ва ширaи барои асал тайёркунӣ медиҳад.

Қоқу яке аз растаниҳое мебошад, ки ареали паҳншавиаш хело ҳам колон дорад ва вай қариб ки дар ҳамаи ҷойҳо вомӯхурад. Ҳамчун доруворӣ решаҳои қоқуро ҷамъ мекунанд, Барои ин решаҳои гули қокуро тирамоҳ мечинанд. Ашёи чидаи тайёри ин решаҳои хушкшудаи дарозиашон 10-15 см ва 0,3-1,5 см ғавсиашон бо ранги маларанг буда, таъми талху-ширин дорад. Мӯҳлати нигоҳдории ин ашё 5 сол мебошад.

Қоку растании доруворни қадима мебошад. Олими қадими Юнон Теофраст онро зидди доғҳои дар пӯст пайдошудаи аз ҷигар ва доғи кун-ҷитак пешниҳод мекард. Дар қадим қоқуро ҳамчун «Шираши зиндагӣ» меҳисобиданд.

Аз навиштаҷотҳои А.Сино ширaи қоқу пардаи чашмро (катаракта) мебурорад, ширaи нав ҷафидаи он ҷойҳои маҳкамшудаи (закупорки) ҷигарро мекушояд. Дар вақти газидани каждум аз қоқу дастбанд тайёр мекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хусусиятҳои қоқу бо хусусиятҳои коснӣ монанд аст, фақат таъсири қоқу зиёдтар мебошад. Инчунин гули қоқу хунпартоиро маън карда, меъдаро мустаҳкам менамояд.

Тоҷикон ширaи растании қоқуро барои нест кардани **озах** (бародавки) ва ҳамчун моддаи медавондагӣ (слабительное) истифода мебаранд ва инчунин барои камхунӣ, туберкулези шуш, касалии қанд, касалиҳои ҷигар ва талха истифода мебаранд.

Дар тибби илмӣ обҷӯшии решаҳои қоқуро ҳамчун барои овардани иштиҳо ва давондани зардии талха истифода бурда мешавад.

Моддаи таъсиркунандаи решаҳои қоқу ин гликозиди тараксасин мебошад ва ба ғайра аз он дар решаи қоқу спирти тараксерол, тараксол ва стеринҳо, стигмастерин-ситостерин ва инчунин дар миқдори калон аз 16-53% инулин, каучук 2,3% моддаҳои дубилӣ ва равғанҳо ҷой доранд.

**Занҷабили обӣ – Polygonum hydropiper.**
**(**Перец водяной).

Занҷабили обӣ – растании яксола буда, баландиаш 20-70 см бо таъми тезӣ мебошад.

**Пояаш** – ростистодаи сабз буда, дар тирамоҳ сурх мешавад.

**Баргҳояш- ҷ**ойгиршавиашон пайдарҳам, дарозрӯяи борик, дарозиашон 3-10 см ва паҳниаш 0,4-1,7 см мешавад.

**Гулҳояш** – майдаи нишаста буда, дар нӯгҳои навда ҷорӯбакҳои гандумшаклро ташкил медиҳанд,ки дарозиашон 1-12 см буда, рангашон сафед ва ё сафеди сурхчатоб мебошанд.

**Меваҳояш** – донакҳои сиёҳи тухмшакли рангашон малла ё ҷигарии торик бо дарозии 2-3,5 мм мебошад. Вазни 1000 дона тухмӣ 1,5-3,02 г мебошад. Гулкуниаш аз моҳи июн то сентябр мегузарад.

Занҷабили обӣ дар бехи ҷӯйборҳо мерӯяд. Занҷабили обӣ аз даври қадим ҳамчун доруворӣ маълум мебошад. Дар Рум ва Юнони қадим занҷабили обиро ҳамчун доруворӣи захмтозакун ва варамро нест мекардагӣ истифода мебурданд. Инчунин занҷабили обиро ҳамчун хунманъкун ва зидди дарунронӣ истифода мебурданд. Дар тибби халқи тоҷик занҷабили обиро зидди касалии бавосир (геморой) истифода мебаранд.

Қиммаи нав кардаи аз баргҳои занҷабили обиро ба захмҳо мемоланд.

Дар тибби илмӣ алафи занҷабили обиро дар намуди шireши обӣ (водный настой) (20: 200) бо 1 қошуқи ошӣ 3 бор дар як рӯз ҳамчун хунманъкун дар вақти хунравии бачадон истифода мебаранд.

Занҷабили обӣ ба таркиби шамҳои зидди геморой «анастезол» ва «анузол» дохил мебошад.

Қисмҳои болоии занҷабили обӣ дар таркиби худ чунин моддаҳоро доранд:

- флавонидҳо 2-2,5%, ки аз онҳо чунин моддаҳо тасдиқ шуданд: рутин, кверцибрин, гиперозид, рамнезин, кемпферол ва ғайра.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба ғайр аз флавонидҳо дар таркиби занҷабили обӣ чунин моддаҳо ҳастанд:

- моддаҳои дубилӣ – 3-8%;
- қатронҳо – 3-4,5%;
- гликозидҳо – 0,10-0,16%:
- равғанҳои эфирӣ – бо миқдори на чандон калон;
- кислатаҳои органикӣ;
- витаминҳо – К; Е; Д – 42,3 мг;
- каротин ва ғайра.

**Гули хатмӣ – Lavatera cashemiriana.**
(Хатьма кашмирская).

Гули хатмӣ – растании бисёрсола буда, баландиаш 25-110 см мешавад.

**Пояаш** – яктои ростистода ва нӯгҳояш камтар овезон мебошад.

**Баргҳояш** – паҳанаки барг 3-15 см дар дарозӣ ва аз 3,5 кунҷ иборат буда, аз рӯи шаклаш камтар барги ангурро ба хотир меорад.

**Гулҳояш** – ранги бунафшаранг ё сурхи баланд доранд.

**Хӯшагулаш** – ғиҷилшакл мебошад.

**Меваааш** – аз 20-25 доначаҳои майда иборат буда, камтар ноҳамвор мебошанд.

**Тухмаш** – муғчашакл буда,диаметрашон 0,3-0,35мм мебошад ва рангашон маллаи торик буда, моҳҳои август сентябр пухта мерасанд.

Гули хатмӣ дар ҷойҳои сералаф, байни чормағззорҳо ва дигар дарахтзорҳои водии Ҳисору – Дарвоз, Ҷанубу – Шарқи районҳои Тоҷикистон вомехӯрад.

Ашёи доруворӣ - ин решаи гули хатмӣ мебошад, ки онро дар баҳор ва тирамоҳ чинда зуд хушк мекунанд. Хусусиятҳои дорувории гули хатмӣ аз қадим маълум мебошанд.

Мувофиқи навиштаҷоти А.Сино «Алқонун» алаф, тухмӣ ва решаи гули хатмӣ ҳамчун варамҳоро паст мекардагӣ, суст мекардагӣ истифода бурда мешавад. Гули хатмӣ варамҳои хуниро суст ва нест мекунад, наракҳоро мепазонад, дарди буғум ва узвҳоро хомӯш менамояд ва инчунин дар вақти канда шудани мушакҳо ва таранг шудани асабҳо исти фода бурда мешавад. Баргҳои гули хатмӣ ба варамҳои синаҳои занона фоидаи калон доранд ва дар вақти газаки шуш инчунин фоиданок мебошанд.Обҷӯши решаи гули хатмӣ ба сӯзиши пуфаки пешоб ва мушкил шудани баромадани пешоб ва санг пайдо шудан дар пуфаки пешоб ёрдами калон мерасонад.

Дар тибби халқӣ гули хатмӣ ҳамчун гули хайрӣ машҳур мебошад. Обҷӯши решаҳои гули хатмиро дар вақти сулфа кардан, газаки рӯдаю-меъда ва газаки системаи нафаскашӣ истифода мебаранд.

Дар амали тибби илмӣ аз решаҳои гули хатмӣ обҷӯш тайёр карда онро ҳамчун обҷӯши гули хайрӣ истифода мебаранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар таркиби решаи гули хатмӣ дар миқдори калон луоб, шакар ва пектинро ёфтаанд. Дар таркиби баргҳояш бошад алкалоидҳо 100-200 мг% витамини С, дар тухмиаш бошад 10-20 % равғанҳо мавҷуд мебошанд.

**Чойкаҳак– Hypericum perforatum**

(Зверобой продырявленный).

Чойкаҳак – растании бисёрсола буда, баландиаш то 1 м мешавад.

**Решааш** – тиррешаи сернавда мешавад.

**Пояаш** – ростистодаи суфтаи дуқиррадор мебошад.

**Баргҳояш** – нишастаи мутақобил, шаклашон – эллепсшакл ё ки камтар дарози – байзашакл (дар дарозӣ 0,7-3,5 см ва дар паҳнӣ 0,2-1,5 см) буда, дар танаи худ нуқтаҳои равғанини ғадуддор дорад, лаби паҳнаки барг сиҳати яклухт мебошад.

**Хӯшагул** – ҷорӯбаки - сипаршакли бисёргула.

Рангаш – зарди ҷилодор, гулбаргаш – 5 то дарози-эллепсшакл (1-2 см дар дарозӣ ва 0,4-0,5 см дар паҳнӣ) бо нуќтаҳои майдаи сиёҳи ғадуддор мебошад.

Меваааш – қутичаи сеқисмае мебошад, ки дар дарунаш бисёр тухм ҷойгир шудааст (аз 45 то 100 дона).

Тухмаш – майдачаи дарозрӯя ё ки слиндршакл, рангаш ҷигарии-торик, дарозиашон то 1 мм мебошад. Вазни 1000 дона тухмӣ ба 0,10 -0,15 грамм баробар мебошад.

Чойкаҳак моҳҳои май-июл гул карда, моҳҳои сентябр-октябр тухм медиҳад.Чойкаҳак дар нишебиҳои адирҳо, лаби ҷӯйбору дарёчаҳо, байни алафзорҳо дар ҷойҳои серофтоби ноҳияҳои Зарафшон, Туркистон, Ҳисору – Дарвоз, Ҷанубу-Шарқӣ Тоҷикистон дар баландии 600-3000 м мерӯяд.

Дар тиб қисми болоии гулкардаи растаниро истифода мебаранд.

Аз даври қадим чойкаҳакро ҳамчун растании доруворӣ истифода мебурданд. Чойкаҳакро аз бисёр бемориҳо истифода мебаранд, ҳамчун: зидди газаки гурда ва меъда ҳамчун ҷойҳои маҳкамшударо мекушодагӣ.

Тухмии чойкаҳак меъдаро мустаҳкам меномояд ва дар вақти касалиҳои дилӣ ва ғайра истифода бурда мешавад.

Чойкаҳак иштиои одамро нағз карда, кори рӯдаҳоро нағз мекунад ва пешобро медавонад. Препаратҳои галенӣ, ки аз алафи чойкаҳак тайёр карда мешаванд ҳамчун хунманъкунанда ва зидди газзак истифода мебаранд.

Бо методи фармокологӣ исбот карда шудааст, ки алафи чойкаҳак ба худ хусусиятҳои давондани пешоб ва нест кардани кирмҳоро дорад. Шароби 10% ин алаф зидди острицаҳо (гименолепидоза) истифода мебаранд.

Дар ветеринария аз шароби 20% -и алафи чойкаҳак эмульсияро дар асоси равғани вазелин тайёр карда, бо он захмҳои чорворо табобат менамоянд.

**Саволҳои санҷишӣ :**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

1.Тавсифи ботаникӣ,истифодабарӣ,ареали паҳншавӣ,марҳалаи ҷамъоварди ашёи доруворӣ,тарзҳои хушккунии растаниҳои шифобахши зерин: ниёзбӯ,бӯғанак,барги зулф,коснӣ,испанд,қоқутӣ,занҷабили обӣ,гули хатмӣ ва чойкаҳак.

**Лексияи : №4**

**Тавсифи ботаникӣ,истифодабарӣ,хусусиятҳои биологӣ, ареали паҳншавии буттаҳои ёбоии мевадиҳандае,ки хислатҳои доруворӣ доранд.**

**Ангак- Hippophae rhamnoides** (облепиха крушиновая).

Ангак – буттаи калони хордор буда, ё дарахти буттамонанд,ки ба – ландиаш 3-11 м мешавад.

Ангак растании духонага мебошад. Намудҳои наринааш нисбат ба модинааш фақат нағзтар инкишоф ёфтагӣ мебошанд.

**Баргҳояш -** ҷойгиршавиашон пайдарҳам, думчаашон кӯтоҳ, шакла шон дарозрӯяи рост (дарозиашон 2,5-3,5 см ва паҳниашон 0,3-0,8 см ) мебошад.

Гулҳои модинааш – ҳаҷми калон дошта, рангашон зард буда, аз 2 то 9 донагӣ дар байни буғумҳои (пазухи) навдаҳои нави ёш ҷамъ омадаанд.

Гулҳои нарина назар ба модина майдатар буда, аз 6 то 20 дона ба панҷахо ё ғиҷилҳо ҷамъ шудаанд.

**Меваaш** – рангаш зард ва ё норинҷӣ дар аввал ва дертар сурхи баланд мешавад ва таркибаш сероб мебошад, ҳаҷмаш 0,1- то 0,5 см.

**Тухмаш** - майдачаи ҷилодор буда, камтар ҷӯякдор мебошад.

Вазни 1000 дона тухмӣ аз 12 то 13,5 г мешавад. Ангак моҳҳои апрел-май гул мекунад ва давомнокии гулкуниаш 7-10 рӯз мебошад.

Меваaш моҳҳои сентябр-октябр пухта мерасад. Ҳосилнокии як дарахти ёбоии ангак аз 5 то 8 кг ва 16 кг дарахте, ки одам онро нигоҳубин мекунад мебошад.

Ангак лаб-лаби соҳилҳои дарёҳо мерӯяд, ё ки дар он намуд заминҳое, ки дар он обҳои зеризаминӣ дар чуқурии аз 1-то 1,5 м на зиёдтар ҷойгир шудаанд.Яъне ангак намояндаи маълуми ҷангалҳои равшанидӯстдор мебошад. Ангак дар ҷумҳурии мо дар ҳама ҷойҳо вомехӯранд, хусусан дар ноҳияҳои кӯҳистону баландкӯҳҳо.Ангак дар ҳудуди ареали асосии худ дар баландиҳои аз 400 м то 3800 м мерӯяд, вале инкишофи нағзтаринашро дар баландиҳои 2000-2500 м мегирад.

Барои мақсадҳои тиббӣ мева, равған ва пӯсти ангакро истифода мебаранд. Меваҳои ангакро баъди аёси якӯм (хунукии якӯм) мечинанд. Пӯсти ангакро дар аввали баҳор мечинанд.

Дар тибби халқӣ меваҳои навчидаи ангакро барои дардҳои шикам, захми меъда ва барои мӯътадил кардани кори меъда истифода мебаранд,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

инчунин барои сиҳат кардани бисёр касалиҳои пӯст истифода мебаранд ва зидди ҷойҳои сӯхтагӣ (ожог).

### **Зирк– Berberis heteropoda** (барбарис разноножковый).

Зирк – буттаи сернавдаи хордор баландиаш то 2,5 м мебошад. Навдаҳои порсолаю кӯҳнагииаш хокистаранг буда, навдаҳои нави ҳаминсолааш сурхи-ҷигарӣ мебошад. Хорҳояш оддӣ ё ки ба се қисм ҷудо шуда мебошад.

**Баргҳояш** – паҳни байзашакли то 4 см дар дарозӣ ва 2 см дар паҳнӣ, буда,лаби паҳанаки баргҳояш сиҳат мебошанд

**Хӯшагул** – аз 4-12 гул иборат буда, сипаршакл ё нимкуррашакл мебошанд.

**Гулҳояш** – ранги зард дошта,диаметрашон то 0,8 см мебошад.

**Мевааш** – кулӯла ё элепсшакл дар вақти хомиаш ранги сурх дошта ва дар вақти пухтан рангашон сиёҳ мешавад.

**Тухмаш** – аз 2-5 дона иборат буда, шакли эллепсро дорад.

Моҳҳои июн гул карда моҳҳои июл – октябр ба мевадиҳӣ медароянд.

Зирк дар ноҳияҳои буттазорҳои Ҳисору-Дарвоз вомехӯрад, дар баланди то 1500 м.

Дар таҷрибаи тиббӣ барг, пӯст ва решаҳои зиркро истифода мебаранд.

Решаҳояш дар вақти ором будани растанӣ, яъне дар аввали баҳор ва охири тирамоҳ мечинанд.Ашёи чидашударо дар балохонаҳо бо қабати 5-7 см хобонда  дар болои қоғаз ва ё матоъ хушк мекунанд.

Баргҳояшро дар вақти буттанизатсияи гулҳо, яъне аз гул фаромадан мечинанд ва инчунин дар болохонаҳо ё ки дар таги навесҳо дар болои қоғаз ва ё матоъ хушк мекунанд. Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи хушк 3 сол мебошад.

Зиркро одамизод аз даври пеш ҳамчун доруворӣ истифода мебурданд. Тоҷикон аз решаҳои он қиём тайёр карда, зидди шикастани узвҳо, зарбхӯриҳо, радикулит, ревматизм ва хоказо истифода мебаранд. Чои аз баргҳои зирк тайёр кардагиро дар вақти касали зардпарвин, малерия ва хунмаънкунӣ истифода мебаранд.

Дар таҷрибаи тиббӣ препаратҳои зиркро ҳамчун зардадавон дар вақти касалии зардпарвин, гепохометит ва сангҳои талхадон истифода мебаранд.

Ширеши зиркро бошад зидди хунравиҳои модарони нав таваллудкардагӣ истифода мебаранд.

Ҳамаи қисмҳои зирк дар таркиби худ алкалоидҳоро дорад, хусусан: берберин, бербамин, колумбалин, оксиакантин, пальматин, ятрорицин ва ба ғайр аз онҳо дар баргҳояш моддаҳои дубилӣ, флавонӣ ва витаминҳои С ва Е мавҷуд дорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Хуч – Rosa canina** (щиповник обыкновенный).

Хуч – буттаи сернавдаи хордор буда, баландиаш аз 1 то 3 м мебошад.

Навдаҳои кӯҳансолаш хокистаранг ва навдаҳои ёшаш ҷигарии сабзранг мебошанд. Хорҳояш калони қадшуда буда, дарозиашон 0,5-0,6 см мебошанд.

**Баргашон** – мураккаб буда, аз 6-7 паҳанаки барг иборат мебошад. Дарозии паҳанаки баргҳо аз 5 то 11 см буда, думчаашон кӯтоҳ мебошад, шаклашон байзашакл ва ё эллепсшакл мебошанд.

**Гулҳояш** – рангашон сафед ва ё гулобӣ мебошанд.

Ҷойгиршавиашон 1-тогӣ ва ё 2-4 тогӣ дар нӯгчаҳои навдаҳои гулмекардагӣ, моҳҳои май-июн мешукуфанд.

Меваааш – эллепсшакл ва ё кулӯлаи гӯштнок бо дарозии 1-2 см мебошад. Ранги мевааш дар вақти пухта расидан сурх мебошад. Хуч моҳҳои сантябр –октябр мепазад. Вазни 1 дона мевааш 1,7-3,2г мебошад.

Хуч дар бисёр ҷойҳо хусусан дар даруни чормағззорҳо, сафеддорҳо, лаб-лаби соҳилҳои дарёҳо, лаби чашмаҳо дар баландии 1000-2200 м вомехӯрад.

Хусусиятҳои шифобахшии хуч аз даври қадим маълум аст. Дар тибби халқии Тоҷикистон аз хуч (хулулоб) тайёр карда, онро зидди касалии зангила (цинга), хушк задан ва давондани пешоб истифода мебаранд.

Дар иқтисодиёти тиббӣ аз меваҳои хуч препарати «холосас» тайёр мекунанд, ки ба худ хусусиятҳои давондани талхаро дорад, ки дар вақти касалиҳои холицистит, гепатит ва талхадон истифода мебаранд.

Дар таркиби хуч чунин моддаҳо вуҷуд доранд:

- витамин С аз 0,2-2,65%;
- каротин аз 4-40 мг%;
- витамин В 80-120 мг%;
- витамин В 7 мг%;
- РР никотиламин 330-430 мкб%;
- витаминҳои К, Р;
- моддаҳои дубилӣ;
- қанд 8-18,5%;
- пектин 1-4%;
- кислатаҳои органикӣ:
- лимӯгӣ – 2%;
- себӣ 1,5-2%;
- равғанҳои эфирӣ 0,01-0,05% ва ҳоказо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## **Ангурак,сиёҳбодом – Rhamnus cathartica**
(Жостер слабительный).

Ангурак (сиёҳбодом) - буттаи сернавда буда, баландиаш то 8 м мешавад.

**Баргҳояш** – ҷойгиршавии баргҳояш мутақобили думчадор буда, шаклашон байзашакли рагдор мебошанд. Дарозиашон аз 2 то 8 см ва паҳниашон аз 1,5 то 5 см мебошанд.

**Гулҳояш** - майдаи зангӯлашакл ва дарозиашон 0,4-0,5 см буда, рангашон зарди –сабзчатоб мебошанд. Гулҳояш 5-20 тогӣ дар банча дар банди думчаҳои барг ҷойгир мешаванд.

Меваащ – донадори сершираи кулӯлашакл буда, рангаш сиёҳ ва дарозиаш 0,8 см аст. Дар дарунаш 3,4 то тухмӣ дорад.

Ангурак моҳҳои май-июн гул мекунад. Моҳҳои июл-сентябр ба мевадиҳӣ медароянд. Ангурак лаби ҷариҳо, саҳроҳо, буттаҳо, лаби соҳили дарёҳо ва дигар ҷойҳо вомехӯрад. Дар ҳама ҷойҳо нағз инкишоф ёфта серҳосил мебошад.

Дар тиб меваи ангуракро истифода мебаранд. Меваҳои ангуракро баъди зард шудани баргҳояш чинда, дар хушккунакҳо дар $t^0$ 50-60 $^0C$ хушк мекунанд ва ё дар болохонаҳо.

Дар тиббӣ халқӣ ангуракро зидди касалиҳои захми меъда, катари меъда ва ҳамчун моддаи дарунронӣ истифода мебаранд.Инчунин меваҳои ангуракро зидди зардпарвин, нафасгирӣ, подагра, бовасир ва дигар бемориҳо истифода мебаранд.

Дар тибби илмӣ меваҳои ангуракро дар намуди обҷӯш, шираи шароб ҳамчун моддаи дарунронӣ истифода мебаранд. Инчунин меваҳои ангурак рангдиҳандаи хеле ҳам хуб мебошанд. Аз меваҳои нопухтагӣ – ранг зард, аз меваҳои пухтагӣ – ранги сабз ва аз меваҳои пухта гузаштагӣ ранги сурх ҷудо карда мегиранд.

Пӯсти хушк кардаи ангурак ранги ҷигарӣ ва пӯсти навкандааш – ранги зарди равшанро медиҳад. Дар таркиби меваҳои ангурак чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

- антрогликозидҳо – 0,76%
- флавонидҳо: рамноцитрин, ксоиторамкетин, ранпетин, ксамторамкетин, квернетин ва кемферол.

Дар баргҳои ангурак 3% витамини С.

## **Дулона – Crataegus altaica** (боярышник алтайский).

Дулона – дарахти начандон калони бутташакл буда, баландиш 4-5 метр мебошад.Пӯсти сутунаш хокистарранги зардчамонанд мебошад. Навдаҳои пештарааш ва ҳаминсолааш суфта буда, рангашон сурхи ҷига-риранг мебошанд.Хорҳои навдаҳояш ғавси ростистода буда,дарозиашон 1,5-2 см мебошанд.

**Баргҳояш** – куррашакл ва ё секунҷашкли паҳн буда, дарозиашон 7-15 см ва паҳниашон 6-12 см мебошанд. Паҳнакии барг аз 3-5 палла ибо –



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

рат буда,лабҳояш камтар реза-реза мебошад, дарозии думчааш 3,5 см мебошад.

**Гулаш** – рангаш сафед буда, диаметрашон 1,7-1,9 см мебошад. Ҷойгиршавиашон – ҷорӯбчаҳои сипаршакл бо 27-35 гулдона.

**Меваааш** – то 1 см диаметраш буда, ранги зард ва ё норинҷӣ (оранжевый) дорад. Таъмаш ширини турушак мебошад, 3-5 донак дорад. Дулона лаби соҳилҳои дарёҳо, силсилакӯҳҳои Туркистон, Зарафшон Ҳисору-Дарвоз дар баландии 1500-3000 м вомехӯрад.

Хусусиятҳои шифобахшии дулона аз давраи қадим маълум аст. Обҷӯши баргҳои дулона ва гулҳои хушк кардаи онро зидди касалиҳои гипертони, сарчархзанӣ, дилзанак, бехобӣ, асабнокии дил истифода мебаранд.

Дар таҷрибаи тиббӣ шираи меваҳои дулонаро зидди касалиҳои дил ҳамчун қувватдиҳандаи мушаки дил истифода мебаранд.

Ширaи дулона ба таркиби препарати номии комплекси «Кардиовален» дохил аст. Дар таркиби меваҳои дулона чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

-витамин С 180-260 мг%;

- қанд;

- фитостеринҳо, сапонинҳо, флавонидҳо, кислотаҳои органикӣ ва ғайра.

**Саволҳои санҷишӣ:**

1.Хусусиятҳои морфологӣ,биологӣ,ареали паҳнгардидан,сабаби шифо – бахш будан,тарзҳои хушк намудан ва ҷаъм овардани растаниҳои ши – фобахши зерин:

-- ангак;
-- зирк;
-- хуч;
-- ангурак;
-- дулона.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Лексияи: №5**

## Тавсифи ботаникӣ, истифодабарӣ ва хусусиятҳои биологии растаниҳои доруворие, ки парвариш карда мешаванд.

**Анҷир – Ficus carica** (инжир обыкновенный).

Анҷир – ин бутта ва ё дарахти начандон калон мебошад, баландиаш аз 4 то 15 м мешавад.

Чатри дарахти анҷир калони васеъ буда, диаметраш аз 5 то 10 м мешавад.

Сутуни дарахтони калонсол ранги хокистарранги – равшан дошта суфта мебошанд, инчунин сутуни анҷир ба зинаҳо тақсим мебошад. Навдаҳои ёши навбаромадаи ҳаминсола ранги ҷигарӣ доранд.

**Баргҳои** – анҷир оддии – калон мебошанд, дарозиашон аз 8 то 25 см, паҳниашон аз 6 то 25 см мебошанд.

**Паҳнаки барг** – ба 3 ва ё 7 палла (лопасть) тақсим шуда ноҳамвор буда, думчаҳои дарози 4-9 см доранд. Ранги барги анҷир аз боло сабз ва аз тагаш сабзи равшан мебошад.

Анҷир растании духонага мебошад. Намудҳои нарина (каприфиги) ва модинааш фиги мебошанд.

**Хӯшагули намуди модина**- мамония буда, дар банди думчаи баргҳои навдаҳои ҳаминсола мебароянд.

**Гулаш** – якҷинса буда, дар даруни хӯшагули нокмонанд ҷамъ омадаанд. Анҷир дар муддати як сол 2-3 бор гул мекунад, моҳҳои апрел-май, июн-июл ва август.

Гардолудкунии анҷирро занбӯрҳои майдаи **бластофагҳо** иҷро мекунанд, ки онҳо аз тухмҳое, ки дар гулҳои модинаи инкишоф намеёфтагӣ хобонда буданд мебароянд.

Меваaш – кулӯлаи камтар паҷақ ва ё нокмонанд буда, ранги бунавшаранг ва ё зард доранд. Ҳаҷми меваашон то 8 см дарозиашон буда, то 5 см диаметрашон мешавад.Меваи намудҳои анҷири ёбоӣ одатан нисбат ба анҷирҳои боғӣ майдатар мебошад.

Буттаҳои анҷир дар Тоҷикистон дар Помиру Олой ва қисми ҷанубии Дарвоз ва соҳили дарёи Панҷ вомехӯранд.

Ашёи доруворӣ – ин мева ва баргҳои анҷир мебошанд, ки онҳоро моҳи июн ва сентябр баъди чидани ҳосили дуюм ҷамъ оварда, дар муддати як ҳафта хушк мекунанд.

Тоҷикон дарахти анҷирро дарахти биҳишт меҳисобанд. Хусусиятҳои доруворин анҷир аз даври қадим маълум мебошад. Меваҳои онро ҳамчун барои тозакунии организм аз моддаҳои нодаркорӣ ва кушодани маҳкамҷойҳои ҷигару шуш истифода мебаранд.

Ширaи барги анҷир ва ё меваи хоми онро болои озаххо барои нобуд кардани он мемоланд ва инчунин анҷирро зидди касалиҳои пӯст истифода мебаранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар тиббӣ илми баргҳои анҷирро ҳамчун ашё барои пайдо кардани препарати «Псоберан» истифода мебаранд. Ин препарат аз фуракумаринҳои ксорален ва бергаптен иборат мебошад, ки ин препаратро зидди касалии лейкодермия (пес) истифода мебаранд.

Дар таркиби меваҳои анҷир чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

- қанд 9-28%;
- пектин 5%;
- кислатаҳои лимӯ, уксус, себӣ ва шилхагӣ 1%;
- витаминҳои C, $B_1$ $B_2$ A;
- каротин 0,26% ва бисёр намакҳои калий.

**Бодиён,зираи сафед – Foeniculum vulgare.**

(Фенхель обыкновенный,укроп аптечный).

Бодиён (зираи сафед) – растании 2 сола ва ё бисёрсола буда, баландиаш аз 90 то 200 см мешавад.

**Решааш** – спиралшакли камнавда буда, рангаш зарди сафедтоб мебошад.

**Пояаш** – ростистодаи қиррадор буда, рангаш камтар кабудча мебошад.

**Баргҳояш** – ғилофакӣ буда, шаклашон мураккаби паршакл мебошад.

**Хӯшагулаш** – соябони мураккаб буда, дар нӯги поя ҷойгир мешавад ва инчунин дар нӯги навдаҳои паҳлӯӣ, ки дар навбати худ аз 10-25 то соябони оддӣ иборат мебошад. Хӯшагул аз 20-25 то гул иборат мебошад.

**Гулҳояш** – майдаи зард буда, моҳҳои июл-август мешукуфанд ва сентябр мепазанд.

**Мевааш** – дарозрӯяи силиндрашакли хокистарранг ва ё сабзи – маллаоранги 2-тухмаи бо бӯи хуш мебошад,ки таъмаш ширин аст.Вазни 1000 дона тухмӣ ба 6-6,5 г баробар мебошад.

Укроп (зираи сафед) дар дашту гандумзорҳо, дар соҳилҳои дарёҳо дар баландиҳои 900-2000 м минтақаҳои Ҳисору Дарвоз ва Ҷануби Тоҷикистон вомехӯрад.

Ашёи доруворӣ ин меваҳои зираи сафед мебошад, ки онҳоро баъди пухта расиданаш мечинанд. Тухмҳои чиндашударо дар зарфҳои нағз маҳкам мешудагӣ нигоҳ медоранд.

Хусусиятҳои шифобахши зираи сафед аз даври қадим маълум мебошад. Дар навиштаҷоти А.Сино «Алқонун» гуфта шудааст, ки зираи сафед нури чашмро тез мекунад, дар вақти саршавии катаракта фоида дорад. Инчунин зидди хунук гирифтани меъда ва дилбеҳазуркунӣ ёрдам мерасонад.Зирраи сафеди ёбоӣ ба гурда ва пуфаки пешоб фоидаи калон дорад. Вай инчунин сангҳои гурдаро майда карда мебарорад ва инчунин пешобро медавонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар тибби илмӣ бошад зирраи сафедро ҳамчун укропные масло ва оби укроп истифода мебаранд, ки ин препаратҳо ҳамчун бодбурор ва балғамбурор истифода бурда мешаванд.

Тухми укроп чунин моддаҳоро дар таркиби худ дорад:

- равғанҳои эфирӣ – 1-8,5%, ки дар таркиби худ чунин моддаҳоро доранд:

а) аметол 50-60%;

б) фенхон 10-20%;

в) пинен; метилхавикол, камфен, феландрен, лимонен ва ғайра.

-қанд 4-5%;

- моддаҳои сафеда – 22%.

**Анор – Punica granatum** (гранат обыкновенный).

Анор – ин бутта ва ё дарахти буттамонанде, ки дорои бисёр сутун мебошад. Баландиаш аз 2 то 5 м мешавад.

Навдаҳои ҷавонаш ранги сабзи-хокистаранг дошта дар қисми дуюми вақти вегетатсионӣ ҷигарӣ мешаванд. Дар сутунашон хорҳои сӯзанмонанд доранд.

**Пӯсти** – навдаҳои кӯҳна хокистаранги борик буда, кам –кам тарақиҳо дорад.

**Баргҳояш** – оддӣ буда, дарозиашон 3-8 см ва паҳниашон аз 1,3-1,6 см мебошад. Ҷойгиршавии баргҳо мутақобил буда, баъзе вақтҳо ба банчаҳо ҷамъ омадаанд. Шаклашон элепсшакл буда, ғафси ҷилодор мебошанд, лаби паҳанаки барг сиҳати суфта буда, дорои думчаи кӯтоҳ 0,7-0,8 см мебошад.

**Гулҳояш** – калони кӯзашакл, ё ки майдаи зангӯлашакл буда, аз банди думчаи барги дар навдаи соли ҷорӣ калон шуда пайдо мешаванд.

Анор моҳҳои апрел-май гул мекунад.Ранги меваи анор сурх буда, кулӯлашакли диаметраш 8-15см мебошад. Даруни меваи анор ба 6-19 хонача тақсим шудааст, ки байни хоначаҳо бо парда ҷудо шудааст.

Анор моҳҳои сентяб-октябр пухта мерасад. Аз як буттаи ёбоӣ 5-8 кг мева мечинанд.Анор хело ҳам инкишофи суст дорад ва 50-70 сол умр мебинад. Ҳамчун ашёи доруворӣ пӯсти сутун, навда, реша ва пӯсти меваи анорро истифода мебаранд.

Ашёи тайёр аз пӯстҳои хушкшудаи дарозиашон то 10 см ва ғафсиашон то 0,5-3 мм мебошад. Пӯсти меваи анор бояд, ки ғафсиаш 1-2 мм буда, маззаи бурманок дошта бошад. Анор доруворӣ қадима мебошад. А.Сино дар «Алқонун»-и худ гуфтааст, ки ҳамаи қисмҳои узвҳои анор доруворӣ мебошад.

Масалан: гули анор зидди хунравӣ, аз гушти дандон фоидаи калон дорад. Шароби анори турш зидди табларза ва хунукзадаи меъда ёрдам медиҳад.

Донакҳои анор бо якҷоягӣ бо асал зидди касалиҳои нохунхурак, захмҳои меъда ва рӯдаи рост ва ғайра истифода мебаранд. Пӯсти



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

навдаҳои ёши анор кирмҳои меъдаро нест мекунад ва инчунин меъдаро мустаҳкам мекунад. Дар тибби илмӣ ҳамчун ашёи доруворӣ пусти сутун, пӯсти навдаро ва решаҳо ва инчунин пӯсти меваи анорро истифода мебаранд. Онро бисёртар ҳамчун обҷӯшу ширешҳо зидди ҳар гуна кирмҳо истифода мебаранд. Дар таҷрибаи фитотерапия пӯсти меваи анорро зидди дарунравӣ ва хунук гирифтани узвҳо истифода мебаранд.

Дар шираи анор чунин моддаҳо мавҷуд ҳастанд:

- қанд – 8-20%;
- глюкоза 4-10%;
- витамин С – 7 мг%
- кальций, калий, натрий, фосфатҳо.

**Чормағз – Juglans regia (**орех грецкий).

Чормағз – дарахти яксутуна ва ё бисёрсутуна буда, баландиаш то 20-35 м шуда, диаметри чатри дарахт то 20 м мешавад. Диаметри сутуни чормағз то 2,5 м мешавад.

**Пӯсти** сутуни дарахтони кӯҳансол хокистаранги торик буда, дорои тарқиҳои чуқур мебошад. Навдаҳои чормағз кунҷдор буда, ранги хокистаранги торик доранд.

Навдаҳои соли ҷорӣ аввали баҳор ранги сабз дошта, то тирамоҳ ранги худро ба ранги сабзи хокистарранг иваз мекунанд.

**Баргҳояш** – мураккаби калон буда, дарозиашон аз 19 то 54 см ва паҳниашон 15 - 40 см буда, аз 5 то 13 баргча иборат мебошад. Барги тоқаш нисбат ба дигар баргчаҳо одатан калонтар мебошад.

Шакли баргҳояш байзашакл ва ё байзашакли элепсмонанд мебошанд. Думчаҳои барг кӯтоҳ буда, дарозиашон ба 0,5 см баробар мебошад.

**Гулҳояш** – майдачаи рангашон сабз буда, моҳҳои апрел-май дар вақти кушода шудани баргҳо гул мекунанд. Гулҳояш ҷудоҷинса мебошад.

Гулҳои гарддондор (нарина) ба ғиҷилҳои калон овезон ҷамъ омадаанд. Гулҳои(тухмдон) модина гардгирак доштагӣ одатан яктогӣ ва ё 2-3 то-гӣ дар нугӣ навдаҳои соли ҷорӣ ҷойгир мешаванд.

Меваash – кулӯлашакл буда,аз мевапардаи рангаш сабз ва дарунаш чормағз иборат мебошад. Даруни чормағз аз тухми чорқисма иборат мебошад, ки байни худ бо парда ҷудо мебошанд. Чормағз моҳҳои сентябр-ноябр пухта мерасад ва аз намуд ва сохти пӯчоқаш хело ҳам гуногуншакл мебошад.

Дар Тоҷикистон чормағззорҳо дар водиҳо, дарёҳо ва кӯҳзорҳои Помир, Силсилакӯҳҳои Ҳисору Дарвоз ва Қаротегин дар баландиҳои 1000-2400 м вомехӯранд.

Дарахти чормағз дар шароитҳои асосии табии худ дар синни 10-12 солагиаш ба мевадиҳӣ медарояд.

Чормағз растании дорувории қадима мебошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳамчун ашёи доруворӣ –баргҳо, меваҳои напухта ва мевапардаро истифода мебаранд.

Дар бораи шифобахш будани чормағз аллакай дар навиштаҷотҳои юнони қадим Диоскрид, Цицерон, Плиний, Виргилий ва Гиппократ акс ёфтанд.

Гиппократ мевапардаи сабзи чормағзро зидди рондани кирмҳо истифода мебурд. А.Сино меҳисобид, ки чормағз дар якчоягӣ бо анҷир ва рута доруи зидди ҳамаи заҳрҳо мебошад. Дар навиштаҷоти худ «Даврия» (шифоёбӣ) чормағз бо рута зидди заҳролудшавӣ баъди газидани морҳо истифода мебурд. Барг ва мевапардаи чормағзро зидди хунравии гӯшти дандонҳо истифода мебурд.

Дар навиштаҷоти худ «Махзан-ул-адвия» Муҳаммад Ҳусайн дар бораи шифобахшии чормағ чунин навишта буд (1777 сол): чормағз барои мунтазамкунии кори меъда, мустаҳкамкунии мағзи сар ва дил ва ҷигар истифода бурда мешавад.

Вале аз миқдори зиёд истифода бурдани чормағз аллергияро ба вуҷуд меорад, хусусан ба одамҳое, ки миҷозашон гарм мебошад.

Дар тибби халқӣ шароби аз баргҳои чормағз тайёркардагиро зидди атерсклерози мағзи сар, диатези кӯдакон, шамол хӯрдан ва ревматизм истифода мебаранд. Инчунин шароби аз баргҳои чормағз тайёр кардаро зидди ангина, хушк гирифтани рӯдаҳою меъда ва зидди касалиҳои қанд истифода мебаранд, чунки истифодаи он дар хуни одам миқдори қандро кам мекунад.

Барги навчиндашударо ба захмҳо ва наракҳо мемонанд. Чормағзи нопухтаро зидди кирмҳои аскарида ва солитер истифода мебаранд.

Равғани чормағзро бошад аз қадим ҳамчун доруворӣи дарунронӣ ва кирмронӣ ва инчунин зидди касалҳои ҷигар, шуш, гурда истифода мебаранд.Дар фитотерапия ҳамчун доруворӣ шароби баргҳои чормағз зидди хунук гирифтани ғадудҳои лимфатикӣ, гушти дандонҳо ва гастроэтерит истифода мебаранд.

Дар тибби илмӣ препарати «Юглон»-ро, ки аз мевапардаи сабзи чормағз тайёр карда мешавад зидди туберкулези пӯст, экземаҳо ва касалии саглес истифода мебаранд.

Дар таркиби мағзи чормағз чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

- 77-82% - равғанҳо;
- 17-21% - сафеда;
- 7-16% - карбогидратҳо;
- 30-50 мг% витамини С;
- 0,3 мг% - витамин В;
- каротин, витаминҳои У, Р ва намакҳои оҳану –кобальт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Писта– Pistacia vera** (фисташка настоящая).

Писта – ин бутта ва ё дарахти начандон калон, ки баландиаш аз 3 то 10 м мебошад.

**Баргҳояш** – думчаи кӯтоҳ дошта мураккаб мебошанд. Аз 3-7 баргча иборат мебошад. Ғафси байзашакл буда, дарозиашон аз 7 то 8 см ва паҳниашон 5-6 см мебошад. Дар баргҳояш одатан бузғунҷ (галлы) инкишоф меёбад, ки онҳоро ширинчаи писта ба вуҷуд меорад.

Бузғунҷҳо 1-3 тоги ҷойгир гирифта, ранги сурх ва ё норинҷи доранд. Писта растании духонага мебошад.

**Хӯшагулҳояш** – ҷорӯбак мебошанд.

**Гулҳояш** – ҷудоҷинса буда, майда мебошанд. Гулҳои наринааш 5-6 то гарддон дорад ва гули модинааш бошад 1 то гардгирак (тухмдон) дорад, ки вай ба 3 қисм тақсим мешавад.

Дар муҳити худрӯй намуди пистаҳои нарина нисбат ба намудҳои модина одатан бисёртар мебошанд. (55-60%).

Писта моҳҳои апрел ба гулкунии медарояд ва давомнокии гулку – нии гулҳои нарина 5-7 рӯз ва мадинааш 3-9 рӯз мебошад.

Дар вақти пухта расидани меваи писта:

**эпикарпий** – пардаи болоии мева;

**мезокарний** – қисми мағздори пардаи болои меваи хушк шуда меғалтад ва **эпикарний** – қисми сахти болопӯши тухмӣ кушода мешавад.

Ҳосилнокии дарахти писта аз 1то15 кг аз як дарахт мебошад. Вазни миёнаи 1 донаки писта ба 0,49-0,90 г баробар мебошад.

Дар Тоҷикистон пистазорҳо масоҳати 115500 га ишғол менамоянд, ки ин 40% территорияи ҷангалзорҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Ҳамчун ашёи доруворӣ бузғунҷҳои пистаро моҳҳои август мечинанд. Ашёи чиндашударо дар офтоб ва ё дар зери болопӯшҳо хушк мекунанд. Бузғунҷаҳои пистаро барои истеҳсолоти танин истифода мебаранд. Аз як дарахт аз 10 то 12 кг бузғунҷи хушк чинда мешавад.

Дар тибби халқӣ меваҳои пистаро зидди харобӣ, туберкулёз ва инчунин қатрони онро зидди захмҳо истифода мебаранд. Бузғунҷҳои майдакардашударо зидди кори систи меъда истифода мебаранд. Аз бузғунҷҳои писта танинро ҷудо карда мегиранд.

Танин ва предпаратҳои он «танальбин», «танисмут», «таноформ» дар тибби илмӣ зидди касалиҳои даҳон, бини, гулӯ ва инчунин ҳамчун зидди заҳролудшавии бо металҳои вазнин истифода бурда мешавад.

Омӯзиш таркиби химиявии мағзи донаки писта нишон дод, ки дар таркиби он равғанҳо зиёда аз 55-60% вуҷуд дошта, ранги зард ва бӯи хос дошта дар навбати худ ин равғанҳо аз чунин моддаҳо иборат мебошанд:

1) глицериди олеинӣ – 54-62,8%;
2) глицериди ликолӣ – 17%;
3) кислотаҳои серғизо – 20%;
4) моддаҳои нитрогенӣ – 18%;
5) сафедаҳо 17,4%.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Саволҳои санҷишӣ:**

1.Хусусиятҳои морфологӣ,биологӣ,ареали паҳнгардидан,сабаби шифо – бахш будан,тарзҳои ҷаъм овардан ва хушк намудани растаниҳои доруворие,ки бо одам парвариш карда мешавад:

-- анҷир; бодиён; анор; чормағз ва писта.

**Лексияи: №6**

## Хусусиятҳои ҷаъмоварӣ, хушк кардан ва нигоҳ доштани растаниҳои доруворӣ.

## Таҳлили материалҳои пешгузаштагӣ.

Ҳамаи растаниҳои доруворириро дар марҳалаи гулкуниашон чинда дар соя, яъне болохонаҳо ва ё хушккунакҳо хушк карда мегиранд.

Баъди хушк карда гирифтан онҳоро ба банчаҳо баста (чойкахак, қоқутӣ, бӯғанак,ниёзбӯй,тхач ва ғайра) дар хонаҳои хушк,ки рутубати ҳаво дар он нағз мебошад нигоҳ доштан лозим аст.

### Зарпоша – Tanacetum pseudaachilla.

(Пижма ложнотысячелистниковая).

**Зарпоша** растании бисёрсола буда, баландиаш аз 30 то 140 см мешавад. Решааш кӯтоҳ ва печутоб хӯрдагӣ мебошад. Зарпоша ба худ бӯи сахти хос дорад. Сутунаш як то ё ки як якчанд то, ростистодаи қирра дори баргдор ва дар болои сутун ба навдаҳо тақсим шудагӣ мебошад.

**Баргҳояш** – мураккаб буда, дарозиашон аз 3 то 15 см мебошад, баргчаҳои поёниаш думчадор ва баргаҳои болоаш нишаста мебошанд. Лабҳои паҳнаки барг аррашакл мебошад.

**Гулҳояш** – зард буда, моҳҳои июн-август гул мекунанд.

**Хӯшагулаш** – сабадчаи нимкурашакли диаметраш 3-5 мм буда, дарозиаш 0,3-1,2 см мебошад.

**Меваaш** – тухмчаи рост ва ё камтар қадшудаи дарозиаш 1,5-2 мм мебошад. Тухмаш моҳҳои август-октябр пухта мерасад.

Зарпоша дар канораҳои бешазорҳо, лаби соҳили дарёҳо ва ҷӯйборҳо, байни буттазорҳо, дашту саҳроҳо дар баландиҳои 1600-3000 м вомехӯрад.

Ашёи дорувории зарпоша ин гулҳояш мебошад. Гулҳояшро дар соя эҳтиёткорна хушк мекунанд, чунки баъди хушк кардани он гулҳояш набояд, ки резанд. Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи тайёркардашуда 3 сол мебошад.

Дар тибби халқӣ шароби аз гулҳои зарпоша тайёршударо зидди касалиҳои санги талха, зарпарвин, касалиҳои рӯдаю меъда, подагра, касалиҳои ҷигар ва гурда, туберкулёзи шуш, бовасир ва ҳамчун барои рондани кирмҳо истифода мебаранд. Обчӯши зарпошаро барои шустани сар зидди нест кардани сабӯси сар истифода мебаранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аммо дар хотир доштан зарур аст, ки аз ҳад зиёд истифода бурдани зарпоша заҳролудшавии организмро меорад, чунки зарпоша растании заҳролуд мебошад.

Дар амали тибби илмӣ гулҳои зарпошаро дар намуди шароб (1:10) ва ё обҷӯши он ҳамчун препарат барои рондани кирмҳои аскарида ва астрисаҳо (1қошуқи ошӣ 3 бор дар як рӯз) истифода мебаранд. Шароби онро инчунин зидди захми меъда ва рӯда истифода мебаранд. Хокаи аз гули зарпоша тайёр шударо дар вақти гастрит ва кам будани кислотнокии меъда истифода мебаранд. Препарати – «танацин» -ро ки дар таркиби худ ҷамъи фловонидҳои хӯшагули зарпоша мебошад зидди санги талха истифода мебаранд.

Дар таркиби зарпоша чунин моддаҳо мавҷуданд:

1) равғанҳои эфирӣ – 0,33%;
2) моддаҳои дубилӣ – 6,3-11,2%;
3) алкалаидаҳо – о,п -0,31%;
4) Фловонидҳо, сапонинҳо, витамини С, кислотаҳои органикӣ ва кумаринҳо.

**Ширинбех,буя – Glycyrrhiza glabra (**солодка голая).

Ширинбех (буя) – растании бисёрсала буда, баландиаш 50-200 см мешавад.

**Решааш** – пурқувввати калон буда, то чуқурии 5 м калон мешавад. Решаи асосиаш ва иловагиаш аз берун ранги ҷигарӣ дошта, аз дарун ранги зард доранд ва таъми ширин доранд.

**Сутунаш** – ростистода буда, боқувввати мевадор ё ки бе навда бо мӯякчаҳои майда ва нуқтаҳои ғадуддор мебошад.

**Баргҳояш** – мураккаб буда, дарозиаш 5 -20 см мешавад. Баргаш аз 2-9 ҷуфт баргҳои эллепсшакл, ки дарозиашон 1,5-4 см ва паҳниашон 1-2,5 см иборат мебошад.

**Гулҳояш** – бунафшаранг буда, дарозиашон аз 0,5 то 1,3 см буда, ба ҷорӯбчаҳои пуррагиашон кам ва дарозиашон 15-12 см ҷамъ омадаанд.

**Меваащ** – аз 20 то 8 дона ғилофаки кушода намешудагии дарозрӯяи дарозиашон 1,5-35 см ва паҳниашон 3-6 мм мебошад. Рӯяшон суфта ва ё хоракҳои ғадуддор дорад.

Тухмаш майдачаи рангашон зарди-ҷигаритоби ҷилодор, қариб кулӯлашакл мебошанд. Ҳосили тухм аз 1га замин гирифта шуда - 135-166 кг ташкил медиҳад. Ширинбех моҳҳои май-июл гул карда, моҳҳои июл-сентябр-ноябр ба мевадиҳӣ медарояд.

Ширинбех лаб-лаби ҷӯйборҳо,тугайзорҳо, заминҳои полизӣ ва зироатӣ, боғзорҳо, дар нишебиҳои адирҳо ва соҳилҳои дарёҳо то минтақаи мобайнии кӯҳистон дар баландиҳои 350-1600 м вомехӯранд.Ҳамчун ашёи даруворӣ решаи ширинбехро истифода мебаранд. Решаашро тоза карда ва ё тоза накарда истифода мебаранд. Барои ин решаи ширинбехро аввали баҳор ва ё тирамоҳ мечинанд ва дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳавои тоза зери болопӯшҳо ва ё хушккунакҳо, ки $t^0$ аз 60 $^0C$ зиёд набояд бошад, хушк мекунанд.

Реша ҳамон вақт хушк шудагӣ ҳисоб мехӯрад, ки агар вақти онро қад кардан он шиканад.Ашёи тайёр ин бӯлакҳои реша, ки ғафсиаш 0,5-5 см мебошад. Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи хушк карда 10 сол мебошад.

Ширинбех ин яке аз растаниҳои дорувории қадима, ки аз давраҳои Теофраст ва Плиний маълум мебошад. Хусусиятҳои дорувории ширинбех бо номи «ганьцао» (алафи ширин) ба Хитоиҳо аллакай 2800 сол пеш аз милод маълум буд.

А.Сино ширинбехро (сус) бисёр вақт зидди касалиҳои захми гурда ва пуфаки пешоб, хушк гирифтани меъда, шуш,ҷигар ва касалиҳои сусти ҷигар ва дигар касалиҳо истифода мебурд.

Дар шарқ ширинбех дар баробарӣ бо «решаи зиндагӣ» женьшень истифода бурда мешавад. Дар тибби Тибет ширинбех зидди хунук гирифтани шуш, туберкулёз, касалиҳои дил, атерсклероз, бронхит ва дигар касалиҳо истифода бурда мешавад.

Ширинбех хусусан солҳои 50-уми асри XX қуллаи машҳурии худро аз сар гузаронида буд, чунки дар ин марҳала олимони СССР ва олимони хориҷа бо методҳои таҷрибавӣ исбот карданд, ки препаратҳои аз ширинбех тайёр шуда хусусиятҳои «**дезоксикортикоподобӣ»** доранд.

Яъне баъди исбот шудани ин хусусиятҳои хоси ширинбех онро фаъолона дар теропияи зидди захми меъда ва рӯда истифода бурданро сар карданд. Дар СССР препаратҳои флавонидии **«ликвиритон»** (ҳамчун антисептик зидди захми меъда, рӯда ва гостритҳои гиперациди) **«флакарбин»** инчунин зидди захми меъда, зидди нафасгирӣ ва дерматитҳои аллергетикӣ истифода бурда мешаванд.

Ширинбех фаъолона ва васеъ дар истеҳсолоти хӯрока барои тайёр кардани пиво, квас, шароб, конфетҳо, ҳавло ва кулчақанд истифода бурда мешавад. Бо навидҳои адабиётӣ маълум аст, ки дар территорияи собиқ СССР ҳар сол зиёда аз 10 тн ширеши ширинбех ва 250 тн решаи ширинбехро истифода мебурданд.

Қисми поёнии ширинбех бо пайвастаҳои фаъолӣ биологӣ бой мебошад, ки яке аз асосии он сапонини тритерпенӣ – глицерризин (40 маротиба зиёд аз қанд ширинтар мебошад) мебошад, ки миқдораш дар таркиби реша аз минтақаҳои калон шудани растанӣ ва фазаи инкишофи он вобаста аст, ки 3-23%-ро ташкил медиҳад.

Дар решаҳои горизонталии ширинбех миќдори глицирризин -5,7-12,2% ва моддаҳои экстрактивӣ 29,7- 40,7% ва дар решаҳои вертикалӣ бошад, миқдори глицирризин 6,1-12,2% ва моддаҳои экстрактивӣ 29,7-39,9% - ро ташкил медиҳад.

Дар решаи ширинбех 3-4% фловонидҳо мавҷуд ҳастанд, ки (дар таркиби худ 27 то компопент доранд): ликвиритозид, изоликвиритин, микурозид, ликвиритин ва инчунин кислотаи глабрӣ ва бисёр моддаҳои дигар. Дар решаи ширибех ба ғайр аз фловонидҳо боз чунин моддаҳо мавҷуд ҳастанд:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- глюкоза 0,6-15,2%;
- сахароза 0,3-11%;
- крахмал 34%;
- стероидҳо 1,5-2%;
- равғанҳо 0,2-4,7%;
- қатронҳо 1,75-4,12%;
- талхии обнашаванда 3-3,6%.

## **Чоқала– Inula helenium (**девясил высокий).

Чоқала – растании бисёрсола буда, дорои решаи ғафси бӯи хос дошта мебошад.

**Пояаш** – як то ва ё якчанд то буда, ростистодаи ҷӯякдор ва дар қисми болоиаш ба навдаҳо тақсим шуда мебошад. Баландиаш 0,5-2,5 м мебошад.

**Баргҳояш** – калон буда, дарозиашон то 50 см ва паҳниашон 15-25 см мешаванд.Баргҳои поёни назди гарданаки реша будагӣ ва поёнии пояи чоқола думчаҳои дароз дошта, шаклашон элепсшакл ё элепсшакли дарозрӯя буда, лабҳои пахнаки барг резаҳои аррашакл доранд, поёни баргҳояш ноҳамвори бахмалшакл мебошанд.Баргҳое,ки дар мобайни пояи растнанӣ ҷойгиранд шаклашон бойзашакли дарозрӯя буда, дарозиашон 15-35 см ва паҳниашон 5-18 см ва нӯгашон тез мебошанд.

Баргҳои қисми болии растанӣ дарозрӯя буда, дарозиашон 3-10 см ва паҳниашон 1-5 см буда тези нишаста мебошанд.

**Хӯшагулаш** – сабадча буда, диаметраш 6-8 см буда, дар нӯги навдаҳо як тогӣ ҷойгиранд.

**Гулҳояш** – ранги зард доранд. Гулҳое, ки лаб-лаби сабадча ҷойгиранд забоншакли дарозиашон 2,5-3,5 см буда (модина) мебошанд ва гулҳое, ки мобайни сабадчаи гул ҷойгиранд найчашакл буда дуҷинса мебошанд (1-1,5 см).

**Меваash** – доначаи маллаи призмашакли қиррадор бо болосарак-дор (хохолок) мебошанд.

Вазни 1000 дона тухмӣ 1-1,5 г мебошад. Чоқала моҳҳои май-июн гул карда, моҳҳои июн-июл ба тухмкунӣ медароянд.

Чоқола гирди чашмаҳо, лаб-лаби ҷӯйборҳо назди соҳили дарёҳо, гандумзорҳо,баландалафзорҳо,чормағзорҳо, ангакзорҳо, байни бедзорҳо дар баландиҳои 700-1900 м минтақаҳои Ҳисору – Дарвоз, назди Сирдарё, Ҷанубу Шарқи Тоҷикистон вомехӯранд.

Дар тиб решаи чоқаларо истифода мебаранд. Барои ин решаи онро аввал баҳор ва ё тирамоҳ ҷаъм оварда, онро ба қисмҳои дарозиашон 2-20 см ва ғафсиашон 0,5-3 см бурида, дар берун дар ҳавои тоза хушк мекунанд.Ашёи тайёр ин решаҳои рангашон хокистаранги малларангбуда,аздарун ранги зарди сафедчатоб бо бӯи хос мебошанд. Таъмаш талхчатоб мебошад. Мӯҳлати нигоҳдоштани решаҳои хушк шу – да 2 сол мебошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хусусиятҳои шифобахшии чоқала аз даври қадим маълум аст. Ҳанӯз дар Юнони қадим ва Рими қадим бисёр бемориҳоро бо решаи чоқала табобат мекарданд. Хусусиятҳои дорувории чоқаларо Гиппократ ҳам инчунин қайд кардааст.

А.Сино чоқаларо ба моддаҳое, ки дили одамро боқувват мекардагӣ дахл мекард. Инчунин чоқаларо зидди сулфа, ҳамаи намудҳои варам, касалиҳои шуш, ҷигар, пуфаки пешоб ва асабҳо истифода мебурд.

Дар тибби халқии тоҷик обҷӯши гулҳо ва решаҳои чоқаларо зидди нафасгирӣ,дарди бачадон, дарду дамиши шикам, пешобравон, кирмронӣ ва талхаронӣ истифода мебаранд.

Дар тибби илмӣ чоқаларо зидди катар ва туберкулёзи шуш ҳамчун балғампазонӣ ва пешобдавон, талхадавон истифода бурда мешавад.

Дар истифодабарии берунӣ бошад, зидди касалиҳои экземӣ ва пӯст истифода мебаранд. Равғани эфирии онро зидди кирмҳо ва ҳамчун антисептик истифода мебаранд.

Масалан препарати «Алантолактон», ки аз равғанҳои эфирии чоқала ҷудо карда шудааст бо қувваи кирмронии худ 25 маротиба зӯртар аст нисбат ба препарати машҳури «Сантонин».

Препарати «Алантон» -ро бошад зидди захми меъдаю рӯда истифода мебаранд.

Дар тиркиби решаи чоқала чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

- алкалоидҳо 0,06-0,07%
- равғанҳои эфирӣ 1,2-3,1%, ки моддаи зардранги кристаллӣ мебошанд.

Дар навбати худ қисми кристаллии равғанҳои эфирӣ галенин аз се намуд лактонҳои сесквитерпинӣ иборат мебошад:

1) алланто-лактон;
2) изолантолактон;
3) дигидроалантолактон.

Дар решаҳои чоқала ба ғайр аз равғанҳои эфирӣ боз чунин моддаҳо мавҷуданд:

- инулин 40-45%;
- псевдоинулин;
- кислотиҳои уксусӣ ва бензойная ;
- моддаҳои қатронмонанд;
- пектин, сапонин, луоб.

## Ҷағҷағак– Capsella hursa – pastoris.

(Пастушья сумка обыкновенная).

Ҷағҷағак – растании яксола буда, баландиашон аз 5 то 90 см мешавад.

**Пояаш** – як то ва ё якчанд то буда, шаклаш бенавда ва ё навдадор мебошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Баргҳояш** – баргҳои поёнии растанӣ назди гарданаки реша ба тӯда ҷамъ шуда, дарозиашон 1-21 см ва паҳниашон 0,5-4,5 см мешаванд. Шаклашон дарозрӯяи пармонанд буда, паҳанаки барг бурришҳои чуқур дошта қисмҳои секунҷашаклро ташкил медиҳад.

**Гулҳояш** – майда буда, ранги сафед дошта ба хӯшагули ҷорубшакл ва ё ғиҷилшакл ҷамъ омадагианд. Дарозии гулҳояш аз 1,5 то 3,5 мм мебошанд.

**Меваащ** – ғилофаки аз 2 қисм иборат будаи шаклаш секунҷашакли дилмонанд бо дарозии 0,4-0,8 см мебошад.

Тухмаш – сурхи малларанг ва ё ҷигарии равшан буда, дарозрӯяи камтар пачақ мебошанд, дарозиашон 0,8-1,2 мм мебошанд. Баъди пухта расидан ғилофак бо осонӣ аз дарунаш ба берун рехта ба муҳити гирду атроф паҳн мегарданд.

Вазни 1000 дона тухмӣ ба 100 мг баробар мебошад. Ҷағҷағак аз моҳи феврал сар карда, то тирамоҳ гул карда ба тухмикунӣ медарояд ва баъзан моҳҳои ноябр – декабр низ ҳам гул мекунад.

Ҷағҷағак лаб-лаби боғу саҳроҳо дар баландиҳои 350-3800 м вомехӯрад. Ҷағҷағак дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳуриамон вомехӯрад. Сабаби васеъ паҳн гардидани ҷағҷағак дар он мебошад, ки ин растанӣ имкониятҳои калони тухмидиҳиро дорад, чунки як растанӣ дар ҳудуди марҳалаи вегетатсионии худ то 64 ҳазор тухм медиҳад ва дар 1 $м^2$ то 345 ҳазор тухмӣ ташкил медиҳад, ки онҳо дар муддати 6 сол имконияти неш зада баромаданро доранд. Дар муҳити об бошад он қобилияти сабзиши худро дар муддати 32 моҳ нигоҳ дошта метавонад.

Ҳамчун ашёи доруворӣ ҷағҷағакро дар вақти аввали тухмбандӣ мечинанд. Растаниҳои чиндашударо бо қабатҳои тунук 3-5 см болои қоғаз ва ё матоъ хобонда дар соя хушк мекунанд.

Ашёи чинда шуда ин пояҳои ҷағҷағак бо дарозии 10 - 40 см ва баргҳои сабз, гули сафед ва бо меваҳои нопухтаи рангашон сабз мебошад. Бӯи ашёи хушкшуда сусти ба худ хос мебошад. Лаззаташ талхчатоб ҳаст. Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи хушкшуда 3 сол мебошад.

Хислат ва хусусиятҳои шифобахши ҷағҷағак аз даври қадим маълум аст. Дар навиштаҷоти «Махзан-ул-адвия»-и Муҳаммад Ҳусайн гуфта шудааст, ки истеъмол кардани баргҳои ҷағҷағак хунравӣ ва хунпартоии узвҳои даруниро қатъ мегардонад,инчунин дилбеҳазуркуни ро қатъ мегардонад. Алафи ҷағҷағакро ба захмҳо мемонанд,ин протсесси шифоёбии онро зудтар менамояд.

Дар тибби халқӣ обҷӯши ҷағҷағакро зидди дизентерия, гастрит ва захми меъда, касалиҳои дил, ҷигар, гурда, туберкулёзи шуш, домана ва дигар касалиҳо истифода мебаранд.

Ширеши нав гирифтаи алафи ҷағҷағакро зидди ревматизм ва дарунронӣ истифода мебаранд.

Дар амал тасдиқ карда шудааст, ки препаратҳои аз ҷағҷағак тайёр шуда фишори артериявиро паст мекунад ва инчунин онро зидди хунравии бачадони занона истифода мебаранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баргҳои ёши чағчағакро тоҷикон ба таркиби самбусаи алафи меандозанд.

Дар қисми болои чағчағак чунин моддаҳо кашф шудаанд:

- кислатаҳои органикӣ (себӣ, лимучӣ, шаробӣ);
- фитонсидҳо;
- флавонидҳо;
- равғанҳои эфирӣ;
- моддаҳои дубилӣ ;
- холин, тирамин;
- витамини К, 120-177,5 мг%
- витамини С, каротин;
- витамини $B_2$ ;
- қанд 2-3%;
- сафеда 1-2%;

Дар чағчағак дар марҳилаи гулкунӣ макроэлементҳои:

- Ca, P, K, Мд, S, CE, Fe. – ва микроэлементҳои: Mn, Сч, Cи, Ae, Fi ва дигарон мавҷуд мебошанд.

## Арча - Juniperus seravchanica.
(Можжевельник зеравшанский).

Арча – дарахти ҳамешасабз буда, баландиаш аз 8 то 25 м мешавад. Чатри дарахт элепсшакл ва ё конусшакли ба навдапартои зич мебошад.

**Пӯсташ** – сурхчатоб ва ё ҷигарии хиштмонанд мебошад.

**Навдаҳояш** – сернавдадор мебошанд.

**Баргҳояш** – сӯзанбарг буда, шаклашон пулакчашакли ромбмонанд мебошанд. Одатан аз худ қаторнро ҷудо мекунанд.

**Гулҳои** –дарахти арча духонага буда, моҳҳои апрел – май кушода мешаванд.

**Ҷалғӯзаҳояш** – кулӯла ва ё камтар дарозрӯяи кунҷдор буда, диаметрашон 12-14 мм мебошад ва дорои мевапардаи ширешдор мебошад. Ҷалғӯзаҳо ба навдаҳо бо думчаҳои кӯтоҳ пайваст мешаванд.

Меваҳои ёш ранги сабз ва ё ранги сабзи малла дошта, дар вақти пухта расидан бунафшаранг ва ё сиёҳ мешаванд.

Меваҳои пухта расида бӯи ба худ хос доранд ва дар дарунашон 2-3 ва баъзан 4-то тухми секунҷашакли рангашон ҷигарии торик, ки дарозиашон 6-7,5 мм мебошад доранд.

Арча дар муҳити зисти худрӯии худ дар синни 25-30 солагиаш ба мевадиҳӣ медарояд. Арча дар заминҳои санглохзорҳо ва нишебиҳои адирҳо дар баландиҳои 1000-2500 м минтақаҳои пасткӯҳҳо ва кӯҳҳои баландиаш миёна вомехӯрад.

Ашёи доруворӣи арча ин меваҳояш мебошад, ки онҳоро тирамоҳ мечинанд. Буттаи арчаро мешапонанд ва меваҳои пухта ба замин мерезанд, ки онҳоро чинда дар болохонаҳо ва ё хушкунакҳо хушк мекунанд. Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи хушкарда 3 сол мебошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хусусиятҳои шифобахшии арча ҳанӯз ба олимони бузурги қадим ҳамчун Гален, А.Сино, Абдураҳмони Берунӣ маълум буд.

А.Сино дар навиштаҷотҳои худ қайд кардааст, ки хокаи тайёр кардаи аз чалғӯзаи арча бо якҷоягии асал аз гангрена, захмҳои пӯсидаистода ва захмҳои паҳнмегардида ёрӣ медиҳад. Инчунин дар вақти зарб хӯрдани мушакҳо, сулфа ёрдам дода, маҳкам ҷойҳои ҷигар ва меъдаро мекушояд.

Шароби ҷалғӯзаҳои арчаро васеъ ва фаъолона зидди касалиҳои органҳои пешоб ва органҳои ҷинсӣ истифода мебаранд. Инчунин ҷалғӯзаҳои арчаро зидди касалиҳои асаб истифода мебаранд.

О.Додабаева дар корҳои илмии қайд кардааст, ки дар Тоҷикистони Шимолӣ бо сӯзанбаргҳо ва чалғӯзаҳои арча чунин касалиҳоро табобат менамоянд:

- ревматизм, дарди сар, параличи нӯгҳои пой ва дастҳо.

Обҷӯши ҷалғӯзаҳоро зидди касалиҳои гурда, пуфаки пешоб, сангҳои гурда, касалиҳои ҷигар ва равматизм истифода мебаранд.

- Меваҳои хоми арчаро зидди захми меъда ва барои иштио овардан мехӯранд.

- обҷӯши меваҳоро ҳамчун препарати талхаронӣ дар вақти касалиҳои зардпарвин мехӯранд.

- Шароби аз пӯст решаҳои арча тайёркардаро зидди артритҳо ва широби аз пӯсти арча тайёркардаро зидди беқувватии ҷинсӣ (мардона) менӯшанд.

Дар фитотерапия аз меваҳои арча препаратҳои пешобравон тайёр мекунанд.

Навдаҳо ва сӯзанбаргҳои арча ин манбаи дарёфти равғанҳои эфирӣ ва қатрон мебошад.

Ҷудо кардаи равғанҳои эфирии арча 50 номи «оби арча» ҳамчун препарат зидди касалиҳои полиартрит истифода бурда мешавад.

Арчаҳо хусусиятҳои хоси фитонсидӣ доранд.

Ҳисоб карда шудааст, ки дар территорияи 1 га ҷангалзорҳои паҳнбаргҳо 2 кг фитонсиди марговар ба микроорганизмҳо ҷӯдо мешавад дар ҷангалзорҳои сӯзанбаргҳо дар 1 га 5 кг фитонцид ва дар арчазорҳо бошад 30 кг фитонцидҳо чудо мешаванд. Дар таркиби узвҳои арча чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

- равғанҳои эфирӣ:
- дар навдаҳояш 0,45-0,75%;
- сӯзанбаргҳояш 0,15-0,27%;
- пӯсташ 0,2-0,6%;
- чалғӯзаҳояш 0,23-2,3%.

Инчунин пинен, кадинен, терпенен, терпинолен, камфен, спирти сесквитерпенӣ, цедрол ва дигарҳо.

Дар таркиби ҷалғӯзаҳояш бошад:

Қанд 10-30%;

Гликозиди юниперин;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Моддаи рангкунандаи зард ;
Қатронҳо 9%;
Пентозанҳо;
Кислатаҳои органикӣ ва ғайра.

**Саволҳои санҷишӣ:**

1.Хусусиятҳои биологӣ,тарзҳои ҷаъм овардан,хушк намудан,нигоҳ доштан ва марҳалаҳои ҷаъм овардани растаниҳои шифобахши зерин:
-- зарпоша; ширинбех; чоқала; ҷағҷағак ва арча.

**Лексияи**:№7

## Тавсифи растаниҳое,ки сахт заҳролуд мебошанд.

### Гули савринҷон – Colchicum luteum Baker.
(Безвременник жёлтый).

Гули савринҷон–растании бисёрсола буда,2 – 4 то баргҳои ҷилодори нӯгаш ғавси кунд дорад.

**Гулҳояш** – аз 1 то 4 дона буда, рангаш зард мебошад. Гулаш аз 6-гулбарг иборат мебошад, ки нӯгҳояш камтар қадшуда мебошанд. Шаклаш ба зангӯла монанд буда, дарозиаш то 5 см мешавад.

**Решааш** – пиёзак мебошад.

**Меваааш** – қуттичаи сеқисмаи бисёртухма буда, дарозиаш 2-3,5 см ва шаклаш дарозрӯяи байзашакл мебошад.

**Тухмаш** – қариб кулӯлашакл буда, диаметрашон то 2,5 мм мешавад, рангашон ҷигарии торик мешавад.

Гули савринҷои моҳҳои апрел-июл гул карда, моҳҳои май-август ба тухмкунӣ медарояд.

Гули савринҷон дар даштҳо, арчазорҳо, сангзорҳо ва нишебикӯҳҳои силсилакӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисору-Дарвоз, Ҷанубу Шарқи минтақаҳои Тоҷикистон дар баландиҳои 1500-3000 м. вомехӯрад.

Ҳамчун ашёи доруворӣ решаҳои гули савринҷонро дар вақти гулкуниаш ҷаъм меоваранд. Мӯҳлати нигоҳ доштани решаҳои чиндашуда 3 моҳ мебошад. Дар ҷойҳои маҳсулотбарорӣ аз решаи савринҷон алкалоидаҳоро ҷудо карда мебароранд, аммо ин растани дар ҷумҳурии мо аҳамияти истеҳсолӣ надорад.

Гули савринҷон яке аз растаниҳои доруворӣи қадимтарин мебошад. Аз достонҳои қадимаи юнонӣ маълум аст, ки дар Колхида (Кавказ) боғи мӯъҷизанок вуҷуд доштааст, ки дар он бисёр намуд растаниҳои заҳрнок мерӯидаанд. Дар он ҷо юнониҳо бо гули савринҷон вомехӯранд ва номи онро **Колхикон** меноманд. Якумин шуда гули савринҷонро ботаники бузурги юнонӣ Диоскрид тавсиф медиҳад.

Аз навиштаҷотҳои кадимаи Юнону Миср маълум мегардад, ки бо гули савринҷон касалиҳои дарди буғум ва подаграро табобат мекардаанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Соли 1618 гули савринҷон ба китоби якуми «Формокологияи Британия» дохил мешавад.

А.Сино дар амали тибби худ гули савринҷонро зидди дарди буғумҳо подагра ва касалиҳои рӯдаи ғафс истифода мебурд.

Дар тибби халқии тоҷик решаҳои гули савринҷонро зидди дарди бадан ва буғумҳо истифода мебаранд.Тухми гули савринҷонро бошад барои нест кардани мушу каламушҳо истифода мебаранд. Шикорчиён бошанд барои нест кардани гургҳо ва рӯбоҳҳо.

Гули савринҷон бисёр ҳам гули заҳролуд мебошад ва худтабобаткунӣ бо он хатарнок мебошад. Тафтишотҳои фармакологӣ нишон доданд, ки моддаи таъсиркунанда дар таркиби гули савринҷон ин алкалоиди колхицин мебошад.

Дар тиб истифодабарии колхицинро аз соли 1853 сар карданд. Баъди 13 сол сипари гаштан профессори австриягӣ Шкода дар лексияи худ баён мекунад, ки «Мо аз колхицин дида препарати нағзтарро зидди дарди буғумҳо намедонистем».

Дигар алкалоиде, ки дар таркиби гули савринҷон вуҷуд аст: **колхамин** мебошад, ки бо таъсироти худ майдашавии ҳаҷми сиёҳлабак, буғумҳои лимфатикӣ ва кам шудани миқдори лейкоситҳо дар таркиби хун ва инчунин ба тақсимшавии ядрои ҳуҷайраҳо монеъ мешавад.

Бинобар ин препарати колхаминро (омаин) зидди касалиҳои саратони меъда ва рӯда истифода мебаранд.

Марҳами колхаминро бошад зидди саратони пӯсти дараҷааш I-II истифода мебаранд.

**Банги девона – Datura stramonium (**дурман вонючий).

Банги девона – растании боқувввати яксола буда, баландиаш 20 -150 см мешавад. Банги девона бӯи хоси нохуш дорад.Решааш шакли дукмо - нанд дорад.

**Пояааш** – ростистодаи сеқисмаи сернавда буда, суфта мебошад.

**Баргҳояш** – камтар ба барги дарахти чинор монанд мебошад, фақат нӯги баргҳояш дарозрӯятар мебошад. Дарозии паҳанаки барг 8-20 см ва паҳниаш то 15 см мешавад.

**Гулҳояш** – сафеди калон буда,дар банди байни навда ва поя ҷойгир мешаванд.

**Косабарги** гул найчашакл буда, дарозиаш 4-6 см мешавад ва аз 5 то қисм иборат мебошад.

**Гулбаргҳояш** дароз 6-12 см буда, инчунин аз 5-то гулбарг иборат мебошад ва нӯгҳояшон қадшудагӣ мебошанд.

**Меваааш** – қуттичаги байзашакл буда, бо хоракҳои дарозиашон то 1 см пӯшида шудааст. Дарозии қуттича 3,5-5 см ва паҳниаш то 2,5 см мешавад. Дар вақти пухта расидан ба 4 қисм таќсим мешавад.

Тухмаш – дарозиашон 0,3-0,5 см буда, шаклашон муғчашкл буда, рангашон маллаи хокистаранг ва ё сиёҳ мебошанд. Дар як қуттича, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

500 то 8000 тухмӣ ҷойгир мешавад. Вазни 1000 дошта тухм 8-11 г мебошад.

Банги девона моҳҳои май-сентябр гул карда, моҳҳои июл-октябр ба мевадиҳӣ медарояд. Банги девона растании хело ҳам васеъ паҳн гардида мебошад, лаб-лаби боғзорҳо, ҷӯйборҳо, саҳроҳо, даштҳо, боғзорҳо, пахтазорҳо вомехӯрад.

Ашёи дорувории банги девона ин баргҳояш мебошад.Баргҳои банги девонаро дар фасли тобистон мечинанд ва баъди чиндан зуд дар болохонаҳо ва ё дар хушккунакҳо дар $t^0$ 40 $^0C$ хушк карда мегиранд. Ашёи чинда мешудагӣ заҳролуд мебошанд ва бинобар ин бояд, ки эҳтиёткорона рафтор намуд.

Банги девона яке аз растаниҳое мебошад,ки аз давраи қадим дар тиб истифода бурда мешуд.Дар бораи хусусият ва хислатҳои доруворӣи банги девона бисёртар олимони қадим дар навиштаҷотҳои худ қайд кардаанд, инчунин олими бузурги форсу-тоҷик А.Сино дар бораи банги девона чунин навишта буд:

«Истифодабарии банги девона маст мекунад ва ба мағзи сар зарар дорад ва инчунин душмани дил мебошад».

Дар тибби халқӣ обҷӯши тухми банги девонаро зидди дарди дандон, дарди сар, табларза, дарди дил ва ҳамчун дардхомӯшкунанда ва препарати хобмеовардагӣ истифода мебаранд.

Дар гомеопатия бошад, банги девонаро зидди ҳар гуна касалиҳои асабӣ, паралич, миненгит, эпилепсия истифода мебаранд.

Истифодабарӣ аз миқдори зиёд банги девона ба заҳролудшавии сахт меоварад, ки он боиси ба марг дучоршавиро меоварад ва бинобар ин банги девонаро бе иҷозати духтур истифода бурдан мумкин нест.

Дар тибби илмӣ бошад препаратҳои аз банги девона тайёр шударо ҳамчун препарати зидди спазматики аксарияти вақт зидди касалиҳои астмаи бронхиалӣ, невралгеяҳо ва сулфаи сахт истифода мебаранд. Баргҳои банги девона ба таркиби препаратҳои «астматин», «астматол» медароянд ва шираи он бошад ба таркиби препарати «солутан» медарояд, ки онро зидди касалии нафасгирӣ истифода мебаранд. Намакҳои атропин бошанд зидди захми меъда ва рӯда холесистит ва касалиҳои санги талха истифода бурда мешавад.

Дар таркиби банги девона дар миқдори калон алкалоидҳо вуҷуд доранд. Дар таркиби банги девона чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

1) госциамин 44,12-67,12%;
2) гиосцин 13,22- 25,26%;
3) атропин 0,08-0,14%.

Ба ғайр аз алкалоидҳо чунин моддаҳо вуҷуд мебошад:

- кумаринҳо;
- скополетин;
- эскулетин;
- эскулин.
- равғанҳои эфирии бо бӯи тамоку – 0,04%;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- каротин – 0,1%;
- моддаҳои дубилӣ 1,7%.

**Шайтонкоса,косаи гадо – Hyoscyamus niger.**

(Белена чёрная).

Шайтонкоса (косаи гадо) – растании дусола буда,решааш тирреша мебошад.

**Сутунаш –** ростистодаи сернавда буда,дорои бӯи нохуш,часпак бо баландии 20 – 150см мешавад.

**Баргҳояш** –баргҳои сутуни растанӣ нишаста буда,ҷойгиршавиашон пайдарҳам,шаклашон дарозрӯяи дарозиашон 3-15см ва паҳниашон 2-10 см мебошад.Инчунин лаби паҳанаки баргҳо резанок буда,часпак мебо – шанд.Баргҳои назди банди реша бошанд дорои думча буда,дарозиашон 5 -30см ва паҳниашон 2 – 10см ва шаклашон эллепсшакл мебошанд.

**Хӯшагулаш –** зулфча буда,гулҳояш калон мебошанд ва дар банди баргҳо ҷойгир мешаванд.

**Гулбаргаш –** аз 5 қисм иборат буда,дарозии гулбаргҳояш 3 – 3,5см ва рангашон зарди – сафедчатоб,ки дар қисми поёниашон доғи бунафша ранги торик доранд,мебошад.

**Мевааш –** қуттичаи кӯзачашакле,ки ба 2 қисм ҷудо мешавад ва дар таркибашон тухми зиёде мавҷуд ҳаст, мебошад.

**Тухмаш** – кулӯлашакл буда,рангашон малларанги – хокистарранг бо дарозии 1 – 1,75мм мебошад.Вазни 1000 дона тухм ба 0,5 – 0,9г баро – бар мебошад.Як ниҳоли растанӣ 8 – 12 (баъзан то 440) ҳазор тухмҳое,ки бо навбат,зина ба зина инкишоф ёфта калон мешаванд,дар як соли вегетасионӣ дода метавонад.

Шайтонкоса моҳҳои апрел – июл гул карда,моҳҳои июн – сентябр ба мевадиҳӣ медарояд.Шайтонкоса ҳамчун алафи бегона дар байни зироатҳои парваришӣ,боғҳо,назди хонаҳои истиқоматӣ ва дигар ҷойҳо вомехӯрад.Шайтонкоса дар ҳамаи минтақаҳои кишварамон дар баландиҳои 800 – 3100м (ба ғайр аз минтақаи Помири Шарқӣ)вомехӯрад.

Ҳамчун ашёи доруворӣ барг ва сутунчаҳои шайтонкосаро дар вақ – ти гулкуниаш ҷаъм меоваранд.Шайтонкоса ниҳоят ҳам растании захролуд мебошад,бинобар ин дар вақти ҷаъм овардани он бояд,ки эҳтиёткорона онро ҷаъм овард ва дар вақти ҷаъм овардани баргҳои он бо даст чашм,лаб ва биниро расидан мумкин нест.Ашёи ҷаъмовардаро бояд,ки дар хушкунакҳо дар температураи на зиёд аз 40$^{0}$с хушк намуд.Ашёи чида шуда ҳамон вақт хушкшуда ҳисоб мехӯрад,ки дар вақти фишор овардан ба думчаи барг – он шиканад.Мӯҳлати нигоҳ доштани ашёи хушкшуда 2 сол мебошад.

Шайтонкосаро аз даври қадим дар Миср,Юнон ва Хитой ҳамчун растании доруворӣ истифода мебурданд,хусусан бисёртар ҳамчун захри олидараҷа.Масалан Абу-Али ибни Сино дар навиштаҷотҳои худ дар бораи шайтонкоса чунин навишта буд: «шайтонкоса чунин растании захрноке мебошад,ки истеъмоли он одамро аз ақл берун месозад,хотири онро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

парешон ва тамоман нест мекунад ва нафаскашии одамро мушкил наму-да онро ба ҳолати девонагӣ меорад».Аммо хусусиятхои шифобахшии шайтонкоса низ бисёранд:хунравии даруниро маън мекунад,дарди буғум ҳо ва дарди гӯшро хомӯш месозад.зидди дард ва хунравии бачадони зано на ёрӣ медиҳад ва ғайра.

Дар тибби илмӣ шайтонкосаро ҳамчун препарати дардхомӯшкунан да ва спазмолитикӣ истифода бурда мешавад.Баргҳои шайтонкоса ба тар киби препаратҳои «Астматол» ва «Астматин» дохил мебошанд,ки ин пре паратҳоро зиди бемориҳои астмаи бронхиалӣ истифода мебаранд.

Моддаҳои таъсиркунандаи шайтонкоса – ин алкалоидҳо мебошанд, ки дар тамоми узвҳои растанӣ мавҷуд мебошанд.Ҷаъми алкалоидҳо дар узвҳои гуногуни шайтонкоса (барг,реша,тухм) ба 0,045 – 0,56% баробар мебошад,ки алкалоиди асосӣ **гиоссиамин** (то 0,1%) тропин ва сколамин мебошанд.Ба ғайр аз он дар таркиби шайтонкоса чунин гликозидҳо мав-ҷуд мебошанд: гиоссипикрин,гиоссерин ва гиоссеризин.Инчунин дар тар киби шайтонкоса чунин моддаҳо мавҷуд мебошанд:

- моддаҳои сафедадор;
-қанд;
-равғанҳои эфирӣ ва ғайра.

**Саволҳои санҷишӣ:**

1.Сабаби заҳролуд будани растаниҳои зерин: гили савринҷон,банги дев-она ва шапйтонкоса?

2.Марҳалаи ҷаъмовардан ва хусусиятҳои рафти кор дар вақти ҷаъмовар-дани растаниҳои заҳролуд?

**Лексияи:№8**

## Методҳои муайян намудани захираҳои растаниҳои доруворӣ.

Методҳои муайян намудани захираҳои растаниҳои доруворӣ аз ду метод иборат мебошад:

1) методи визуалӣ (тақрибӣ бо чашм);
2) методи гузоштани қитъаҳои санҷишӣ.

**Методи визуалӣ** аз он иборат мебошад, ки дар он миқдори растаниҳои доруворӣ ва ё меваҳои он дар участкаи муайян бо нигоҳи чашм тақрибан ҳисоб карда мешавад.

**Методи гузоштани қитъаҳои санҷишӣ** бошад, аз гузоштани қитъаҳои санҷишӣ барои растаниҳои доруворӣи алафӣ дар ҳаҷми 1 м х 1 м ва барои муайян намудани миқдори меваҳои буттаҳои доруворӣ 10 м х 10 м гузашта мешаванд.

Миқдори растаниҳои доруворӣ бо чунин формула муайян карда мешавад:

$N = \frac{A_1 + A_{10}}{B}$ , ки дар ин формула:

N – миқдори миёнаи растаниҳои доруворӣ дар 1 $м^2$;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

$A_1$ - миқдори растаниҳои доруворӣ дар участкаи санҷишии №1;

$A_{10}$ - миқдори растаниҳои доруворӣ дар участкаи санҷишии №10;

В - миқдори миёнаи участкаи санҷишӣ.

Дар вақти муайян намудан миқдори меваҳо дар буттаҳои доруворӣ чунин формула истифода бурда мешавад:

$$N = \frac{A_1 + A_{10}}{B}$$

, ки дар ин формула:

N - миқдори миёнаи меваҳо дар як бутта;

$A_1$ - миқдори мева дар буттаи №1;

В – миқдори буттаҳои ҳисоб карда шуда дар участкаи санҷишӣ.

$A_{10}$ – миқдори меваҳо дар буттаи №10.

**Саволҳои санҷишӣ:**

1. Мафҳуми методи визуалӣ?
2. Мафҳуми методи гузоштани қитъаҳои санҷишӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед